Толибшоҳи ДАВЛАТ

# ТУРНАҲО ДАР БАҲОРОН

П о в е с т

Душанбе - 2015

ББК 84 Тоҷик 7 – 4

Д - 13

*Муҳаррири масъул*

**Саидаҳмади ҲОШИМ**

*Ба хотири занон ва мардони тоҷик, махсусан ҷавонони ғӯрамарг, ки дур аз ватан дар муҳоҷират, ғарибию мардикорӣ, дар мулкҳои бегона, аз ҷумла Русия бо ҳар сабаб оламро падруд гуфтаанд*

© Толибшоҳ Давлат

*Муаллиф бо ин китоб дар озмуни минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон – «Новеллазия» моҳи майи соли 2014 байни 94 адиб, чун намояндаи Тоҷикистон дар қатори панҷгона – се нафар аз Узбакистон ва як нафар аз Қазоқистон ғолиб дониста шуд.*

*Моҳи ноябр бошад, дар фестивал - озмуни адабии «OKABF - 2014», ки даври ниҳоии он дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон сурат гирифт, байни 456 адиб аз 21 кишвари олам ин китоб ғолиб дониста шуд. Қарор аст, повести «Турнаҳо дар баҳорон» соли ҷорӣ дар шаҳри Лондони Англия бо забони англисӣ нашр шавад.*

## БА ҶОЙИ ПЕШГУФТОР

Бародар, оқилу мард аст, мард аст,
Сиёҳӣ аз сафедӣ дарк кардаст.

Бихондам пой то сар дафтарашро,
Задам тақ-тақ пас аз хондан дарашро.

Бигуфтам, месазад ҳар он чи гуфтӣ,
Барорат ин ки бепарво нахуфтӣ.

Бимон, хонанду ҳам огоҳ гарданд,
Бурун аз остони чоҳ гарданд.

Яқин аст, аз дигарҳо кам наӣ ту,
Қаламкаш одамӣ, беғам наӣ ту.

Бале, раҳ сӯи ҳастӣ пеша дорӣ,
Ба қалбат сад ҳазор андеша дорӣ.

Худо ҳофиз, ки роҳат бас сафед аст,
Мунаввар рӯзат аз лабханди шед аст.

Ту ҳам чун турнае раҳ гир, раҳ гир,
Ба гардун пар бизан, домони маҳ гир…

***Нуруллоҳи ОРИФ, шоир***

*Ин ҳоло аст, ки мо бо ин падида, яъне падидаи муҳоҷирати корӣ ва умуман муҳоҷират одат кардаем. Агар рафту пагоҳ ё худ имрӯз ошно, дӯст ё ҳамсояамон ҷиҳати кор озими хориҷи кишвар (Русия, Украина, Белорус) гардад, бароямон амали одӣ хоҳад буд ва агар зиёд ҳиммат кунем, танҳо оҳи сафедаш орзу мекунем ё худ илтимосаш мекунем, ки ба фалон хешу наздикони мо саломи моро бирасонад.*
*Албатта, солҳои ба маротиб «серу пур»- и даврони шӯравӣ ҳам ин падида, ба нудрат бошад ҳам, гоҳ - гоҳ рух медод: яке медидӣ, ки як – яку ду – ду ё бештар ҳамдеҳагонатон ба Узбакистону Туркманистон ҷиҳати деворзанӣ ё кор дар корхонаҳои пахта*

*сафар мекарданд. Ин сафарҳо гоҳо бебозгашт буданд: мардикорони кӯҳистонӣ ё ин кишварро бо далойиле «ватан» мекарданд ва ё дар гӯшаи гӯристонҳои бегона барои худ «манзили абадӣ» меёфтанд. Бале, ин ҳама буд. Ва чуноне ки гуфтем, ба нудрат…*
*Вале алъон ин падида, ба қавли маъруф сарсарӣ шудааст. Чун вабо. Ёдам меояд, зимистони соли 1993 (ёздаҳ сол қабл) як муаллимнамои ғармӣ дар Бозори «Петровка» - и Маскав чунин як пешбинӣ карда буд, ки бубинед, ҳоло баъди як – ду сол тамоми мардинаҳои аз 16– сола то 45–солаи мо барои кор ҳатман ба Русия хоҳанд омад. Ҳамшаҳриҳояш бо ӯ розӣ нашуданд: «Ту чиҳо мегӯйӣ*

*мардум бачу кач, гову мол доранд, онҳоро ба кӣ партофта меоянд?!» Он мард паст наомад: «Меоянд, гову молашонро фурӯхта роҳкиро карда меоянд…» Ҳамин тавр ҳам шуд. Фақат то 45-сола неву то 60-сола. Фақат мардҳо неву занҳо ҳам… Имрӯзҳо бисёриҳо ҷиҳати таъмини маъошу худу ойилаи худ ба ҷуз аз муҳоҷирати корӣ (ё бо як калима мардикорӣ ва ё дақиқтараш бардагӣ) илоҷи дигар надоранд. Ва ин зуҳуроти воқиан ҳам нангин то кай идома мекунад, касе намедонад.*

**Ҳафтаномаи «Нигоҳ», 04.12.2006**

## О Ғ О З

- Ба як қатор саф кашед!

Овози омиронаи полиси қоматбаланд, ки сардор ҳисоб меёфт, бо русӣ гуфта шуд. Ин овоз муҳоҷирони ваҳшатзадаро бештар ба ҷунбиш овард. Онҳо саросема, афтидаю ғалтида кӯшиши саф кашидан доштанд. Вале барояшон ҳеҷ муяссар намешуд, ин кор. Мисли чӯҷаҳои аз ҳуҷуми ногаҳонии калхот ба ҳар су пошхӯрда, ба худ омада наметавонистанд.

Илова бар он, полисҳои сар то по мусал-лаҳи ваҳмовар ба нийяти муҳоҷирон сахт халал мерасонданд. Намегузоштанд эшон саф ороянд. Дашномҳои қабеҳ дода, зери мушту лагад меги-рифтанд, онҳоро. Бо қундоқи автомат кучое, ки рост меомад, мезаданд. Калтаккӯб мекарданд.

Полиси қоматбаланд интизор буд, ки саф кай ороста мешавад. Латукӯб ҳамоно идома дошт. Амали беисти тобеонаш ӯро оташин кард. Маълум, ки ба фармони ӯ нописандӣ доранд. Як нафар муҳоҷир аз дасти полисе раҳо ёфта, хост аз пеши сардорашон гузарад. Сардор аз гиребо-ни куртаи ӯ дошт ва бехудона дод зад:

- Бас!

Латукӯб оҳиста хотима ёфт. Сардор гиребони муҳоҷири доштаашро нийяти сар додан надошт. Дигарон ҳеҷ ба худ омада наметавонистанд. Баъди чунин зарбу лати бераҳмона. Сардор дид, ки муҳоҷирони ҷабрдида саф ороста наметавонанд, аз нав дод зад:

- Ин ҷо, паҳлуи ин саф кашед! Тезтар!

Муҳоҷирон чобук шуданд. Зеро сустӣ намоянд, боз зарб хӯрданашон мумкин. Бо азобе саф ороста шуд. Тахмин сӣ нафар. Баъзеҳо бо либоси таг. Чанд нафар захм бардошта, бо ёрии ҳамроҳон дар саф меистоданд.

Майдони бинокорӣ бо девори тахтагӣ печонда шудааст. Ҳамагӣ як бинои панҷқабата бунёд мешавад, ин ҷо. Деворҳои бино бардошта,

бомаш пӯшонда шудааст. Корҳои боқимонда акнун мебоист сурат мегирифт. Пеши бино болои роҳи оҳанӣ маноракран беҳаракат истодааст. Ҳамчунин чанд дастгоҳи дигари бинокорӣ. Воқеъаи нисфи шаб рухдода гӯё ба онҳо дахл надорад. Хомӯшанд.

Дар як гӯшаи сохтмонгоҳ се вагонча қатор истодааст. Чароғҳои дохилашон фурӯзону дарҳо кушода. Ягон ҷонзоде нест дарунашон. Ҳамаро зада берун баровардаанд, полисҳо.

* * *

Мустақим ҳамроҳи Саидаброр бегоҳ ба Маскав расид. Мақсад дошт шабро дар ягон ҷо

рӯз карда, субҳи дигар озими Челябинск шаванд. Назди холабачааш Ҷамолиддин омад. Вай ҳамроҳи тоҷикбачаҳо дар як канори шаҳр машғули кори сохтмон буд. Онҳоро хуш пазируфт. Даруни ҳуҷраи начандон калони вагонча даҳ нафар хобу хез доштанд. Катҳои дуқабата гузошта шудааст, даруни вагонча.

Барои ҳар ду меҳмон ҳам ҷой ёфт шуд. Ҳангоми гуфтугӯйи телефонӣ Ҷамолиддин аз вазъи Мустақим огоҳ шуда буд.

-Коратон омад накард? – ҳини хӯроки шом пурсид ӯ аз Мустақим.

-Нашуд. Ошноямро дар завод пайдо карда натавонистем. Чанд ҷо кори кӯтоҳ ёфта роҳпулӣ ғундоштему халос.

-Ин ҳам дарди бахайр. Хайрият ба дасти қаллобон наафтидед. Ана баъд аҳволатон сахт табоҳ мешуд. Инро ман аз сар гузарондаам. Шукр бо роҳбари имрӯзаамон шинос шудам. Инсони хубест. Фирмаи бинокорӣ дорад. Дар чанд ҷо иншоотҳои гуногун месозад. Яктояшро мо сохта ба истифода додем. Дид, ки одами ҳалолкорем, сар надод. Сари вақт ҳисобӣ кард. Бачаҳо соҳиби як даҳон нон шуданд. Акнун ин ҷо гирифта овард. Маро сарвар таъин кард. Хӯрду хӯрокамонро сари вақт мерасонад. Ягон камбудӣ надорем. Афсӯс, сардорамон дар ними кор одам қабул намекунад. Набошад, ҳардуятонро ба кор мегирифтем.

- Раҳмат, ташвиш накаш. Ҳар ду додарам дар Челябинск. Ҷойи корам доимо ҳамон ҷо.

- Агар хато нашавад, додарҳот дар бозор ҷунбуҷӯл доранд?

- Дар бозор. Аз деҳоти атрофи шаҳр сабзавот оварда, мефурӯшанд.

- Челябинск ҷойи хунук. Сардиҳо омада истодааст. Азоб мекашед. Дар Оренбург як аммабачаам савдогар аст. Корҳояш хеле хуб. Он ҷо гарм. Камтар захира дорам. Хоҳед медиҳам. Қафо меравед. Ба аммабачаам телефон мекунам, ҳатман ёрӣ мерасонад.

- Ташаккур, барои ғамхориҳот. Лекин мо азм кардем. Аз роҳ гаштан хуб нест. Дигар ин ки чанд

зимистон дар Челябинск будам. Тоқат кардан мумкин. Худат ин тарафҳо кай омадӣ?

- Баҳорон. Ҳамин корамонро тамом карда супорем, насиб бошад хона меравем.

- Мо охири тобистон омадем.

- Асосан бисёриҳо вақти саршавии баҳор ин тарафҳо меоянд. Корашон, ки барор гирифт охири тирамоҳ ватан мераванд.

Ин ҳолат бароямон анъана шудааст.

- Чӣ кор кунад мардуми бечора? Дар ватан кор нест. Лекин рӯзро гузарондан лозим.

- Аз афташ зимистон ин ҷо мемонед.

- Дигар илоҷ нест.

Баъди ин суханон Мустақим оҳи сар кашид. Ҷамолиддин ҳам дигар чизе нагуфт.

Лаҳзае ба чеҳраи Саидаброр нигарист. Чанд муддат, ки гирди суфра бо ҳам нишастаанд, аз даҳонаш сухане набаромад. Навҷавони реза-андому ботамкин ба суханони дигарон гӯш меандохту худ ҳарфе намегуфт.

- Ҳамроҳатро нашинохтам, - баъди қадре ба чеҳраи Саидаброр нигаристан, хомӯширо халалдор намуда гуфт Ҷамолиддин.

- Писари ҳамсоям, - посух дод Мустақим. – Ҳамин сол мактабро хатм кард. Ҳаваси Расия омадан дошт, якҷоя омадем. Номаш Саидаброр.

- Аҷаб одаме. Хеле бо ҳам нишастему як бор даҳонашро накушод.

- Саидаброр ҷавони хеле боадаб аст.

- Рафиқи хуб, ними давлат.

Дар ҳуҷрабудагон ҳама кайҳо масти хоб. Онҳо низ пайи тараддуди хоб шуданд. Лек имшаб бинокорони муҳоҷири тоҷик ва ду нафар меҳмони онҳоро хоби бароҳат насиб накард. Нимишаб ташрифи ногаҳонии полисҳои маскавӣ эшонро аз хоб бе хоб намуд.

* * *

Майдончаи бинокорӣ рӯз барин равшан аст. Чароғҳои пурқувват ба танаи маноракран ва бомҳои бинои навпӯш насбшуда, атрофро мунаввар сохта буд. Илова бар он, се автобуси полисҳо дар як гӯшаи ҳавлии майдонча бо чароғҳои фурӯзон меистод.

Калони полисҳо пеши сафи муҳоҷирини меҳнатӣ қадам зад. Дар миёнҷо рӯ ба рӯйи саф бозистод. Хеле ба эшон нигоҳ афканд. Ҳамоно бо овози баланд ва омирона гуфт:

- Ҳар кадом бача сад рубл! Ҷонатон халос! Набошад отдел мебарем. Дар он ҷо бо шумо дигар хел гапзанон мекунанд. Баъд ҳабс, депортатсия.

Инро гуфта ба яке аз тобеонаш бо сар имо кард. Вай аз канори саф ба пулчинӣ даромад. Мустақим ҳамроҳи Саидаброр қариб дар гӯшаи дигари саф паҳлуи ҳам меистоданд. Ҳине ки полисҳо тохт оварда ҳамаро ба берун бароварданд, вай дасти Саидаброрро сахт дошта буд. Чанд калтак ҳам хӯрд. Вале кӯшид, ки ба навҷа-

вони ҳамроҳаш осебе нарасад. Ҳатто дар саф як дасташро дошта меистод.

Полис аз ҳар кадоме пул чида, торафт ба онҳо наздик меомад. Дуртар аз онҳо нафаре ба ҳамроҳаш гуфт:

- Э, инҳо аз панҷовуҳаштум отдел. Дар кисаам пул кам. Илтимос, ёрдам кун. Қарз те. Отдел баранд, аз дасти инҳо саломат мондан багумон. Одама рӯйирост мехӯранд.

Аллакай чанд нафар аз саф баровarда шуданд. Мустақим вазъияти ногувори худ ва Саидаброрро акнун ҳис кард. Дар киса кам пул дошт. Ба дуяшон намерасид. Пулҳо дар кисаи болопӯши гармаш, даруни вагонча монд. Имкони пӯшидани он нашуд. Дасти Саидаброрро раҳо

карда пулҳоро аз ҷайбаш берун овард. Яксаду шасту се рубли русӣ. Сад рублашро ба дасти Саидаброр часпонду боқимондаашро бо худ нигоҳ дошт.

Ба ҳар ҳол пасту баландиҳои зиндагиро бисёр дидааст ӯ. Чандин маротиба ба ин кишвар сафар намуда, бо полисҳо сарукор дошт. Саидаброр ғарибиҳоро акнун мебинад. Забони русиро ҳам хуб намедонад. Бераҳмии полисҳои масковӣ дар ҳама ҷо овоза. Гумон аст Саидаброр зарбу лати онҳоро бардошта тавонад. Ҳоло устухонаш пурра сахт нашудааст. Вай бошад гапи дигар. Ягон тадбир меҷӯяд.

Полис рӯ ба рӯйи Саидаброр қарор гирифт. Мустақим пас аз пулро ба дасти Саидаброр

часпондан, дубора аз банди дасташ дошт буд. Чун полис омад, беихтиёр дасти чапи ӯро боло бардошт. Полис пулро гирифту дар муқобили Мустақим қарор гирифт. Вай шасту се рублро дароз кард. Полис ҳис кард, ки пул кам аст. Онро шумурду ба Мустақим нигарист. Ӯ бошад бо аломати «дигар нест» дастҳояшро ба ду тараф ёзонд. Полис пулҳоро ба кӯлвори дасташ партофту аз китфи Мустақим даст гирифт. Кашида пеши саф баровард. Ва корашро аз нав идома дод.

Ҷамолиддин миёни саф меистод. Чун дид Мустақимро аз саф бароварданд, рост назди калони полисҳо омад. Бо вай гуфтугӯ оғоз кард. Ка-

лони полисҳо суханони ӯро мешуниду чун ҳайкал хомӯш меистод. Ҳатто сӯяш нигоҳ намекард.

Пас аз фурсате ҷониби иморатҳо роҳ гирифт. Ба Ҷамолиддин имо кард, аз қафояш равон шавад. Ҳини Ҷамолиддин бо ӯ расидан барои вохӯрӣ даст дароз кард. Ҳар ду дар гӯшае истода хеле суҳбат намуданд.

Пулҷамъкунӣ кайҳо хотима ёфта буд. Полисҳо нигарони калони хеш меистоданд. Мебоист вай омада фармони навбатиро бидиҳад. Гуфтугӯро анҷом дода Ҷамолиддин ва калони полисҳо пеши саф омаданд. Вай ба яке аз тобеонаш амр дод, аз саф беруншудагонро наздаш оранд. Фармон дарҳол иҷро гашт. Ҷамоллидин ба онҳо рӯ оварда гуфт:

- Ҳамаатон ҷойҳои хоб рафта сад рублӣ оварда медиҳеду ҷон халос. Ҳаял накунед.

Сипас ба Мустақим рӯ овард:

- Ту рафта дар саф ист.

Ёздаҳ нафар тоҷикбача сӯйи вагонҳо дартоз шуданд. Чун аз ҳама пул ғундошта шуд, калони полисҳо ба саф будагон хитоб кард:

- Ба ҳамаатон ҷавоб! Рафта хоб кунед!

Ба тобеонаш амр дод, ба автобусҳо савор шаванд. Худ бо Ҷамолиддин боз каме сӯҳбат намуд. Пасон даст дода хайрухуш намуданд. Вай ба яке аз автобусҳо савор гардид. Автобусҳо паси ҳам аз дарвозаи сохтмонгоҳ берун шуданд.

* * *

Хоб аз сари ҳама парида буд. Баъзеҳо сахт лату кӯб хӯрда, захм бардошта буданд. Ба вагонча, ҳуҷраи хоб аз ҳама охир Ҷамолиддин баргашт. Вай нафаси сабук кашид.

- Хайрият, аз як балои азим халос шудем, - оҳиста гуфт вай.

Шуъбаи панҷовуҳаштуми полиси Маскав дар дили бисёр мардикорон, натанҳо тоҷикон, балки дигар миллатҳо низ тарсу ҳарос андохта буд. Мардикороне, ки дар Маскав ва атрофи он фаъолият доштанд, медонистанд, ки ин чӣ гуна шуъбаест. Ба бераҳмию золимӣ овозадор буд, ин шуъба. Аз зулму ситами коркунони он бисёр шаҳрвандони мамолики собиқ шӯравӣ бармаҳал

ҳаётро падруд гуфтанд. Аз ҷумла, тоҷикони бешумор.

Ба назар чунин мерасад, ки дар ин шуъба танҳо ашхоси бераҳмро гирд овардаанд. Маҳз барои ситамкорӣ бо мардикорон. Ба куҷое, ки қадам нагузоранд, аз худ «из»-и шум боқӣ хоҳанд гузошт. Аммо имшаб гӯё истисно буд. Истиснои тасодуфӣ. Аз қафои Ҷамолиддин ба вагонча боз чанд нафари дигар ворид гаштанд.

Ҷамолиддин ба Мустақим нигариста гунаҳкорона табассум кард. Гӯё полисҳоро дар ин нисфишабӣ ӯ даъват карда бошад. Ҳамроҳонаш хилофи ӯ мехостанд тезтар бифаҳманд, ки калони полисҳоро аз куҷо мешиносад? Вале Ҷамо-

лиддин ба пурсишҳо эътибор намедод. Ҳамоно бо табассуми узрхоҳона ба Мустақим нигоҳ дошт.

- Маъзарат, ки чунин воқеа рӯй дод, - гуфт вай.

- Сад шукр, ки ҷонамон халос шуд, - дарҳол ҷавоб дод нафаре аз ҳамроҳонаш. –Набошад инҳо дар пӯстамон коҳ ҷо мекарданд.

-Хайрият, калонашон шиносат будааст, - бо изҳори миннатдорӣ ҷавоб гардонд Мустақим. – Чи хеле ки бачаҳо гуфта истодаанд, дар акси ҳол рӯзамон бад мешуд.

- Акай Ҷамолиддин, бешӯхӣ ӯро чӣ хел ме-шиносӣ?

- Кирои гап ҳам надорад, - хоксорӣ намуд вай.

Аммо ҳамроҳонаш маҳз инро донистан мехостанд. Аз ин рӯ боисро хоҳиш доштанд.

- Мавзеи Тимирязевкаро ба фикрам бисёриҳотон медонед, - ба нақл даромад ӯ. – Он ҷо бозори мардикорони танҳо тоҷик аст. Ду сол пеш ман ҳам он ҷо мерафтам. Барои корёбӣ. Он вақт дар ин мавзеъ Мухин участкавой ҳисоб меёфт. Милисаҳо, ки пайдо мешуданд, ҳама мегурехт. Аз афташ барои тоҷик дар ин кишвар рӯз нест, ки нест. Дар он ҷо милисаҳо медонед чи кор мекунанд? Мардикоронро дошта ба ягон ҳанноти соҳаи бинокорӣ чун ғулом мефурӯшанд. Хар барин кор фармуда, ягон тини пучак намедиҳанд. Пас аз анҷоми кор агар мардикор илоҷе карда раҳо ёбад, ҷонаш халос. Набошад боз ба дасти

милисаҳо меафтад. Боз ҳамон аҳвол. То мурдан ё нимҷон шудан. Диданд, ки дигар ба коре мувофиқ нест, ягон ҷо бурда мепартоянд. Як дафъа ҳамроҳи се нафар ба дасти Мухин афтодем. Талаб кард, ки барояш дача сохта диҳем. Ваъда дод, агар ҳалол меҳнат кунем, ҳақи корамонро медиҳад. Чоркаса дар муҳлати кӯтоҳ дачаи кори калон сохтем. Кори моро дида, талабгорон пайдо шуданд. Ана, дар ин ҳолат ёрии Мухин лозим шуда монд. Ман ба ӯ таклиф кардам, ки моро зери ҳимояи худаш бигирад. Музди дачаи барояш сохтаамонро надиҳад. Ҳатто барои ҳимоя ҳақаш ваъда намудем. Розӣ шуд. Қариб як сол зери ҳимояаш корамон идома ёфт. Соҳиби пули хеле

зиёд шудем. Гоҳо зиёфат ороста даъваташ мекардем. Бо мо хеле унс гирифт.

Тасодуфро бинед, имрӯз боз бо ҳам вохӯрдем. Ваъда дод, ки минбаъд пою қадами ягон милиса ба ин ҷо нахоҳад афтод. Акнун мо зери ҳимояи вай мебошем. Рақами телефонашро ҳам навишта дод. Танҳо хоҳиш кард, ки аз ҷойи кор беҳуда дур нашавем. Ҳарчанд қайди муваққатии зист дошта бошем ҳам. Ба дасти милисаҳо афтем, ҳоламон табоҳ мешавад.

Ман ба Мухин барои ҳимоя ҳақи хизмат таклиф намудам. Қабул накард. Танҳо хоҳиш кард, гоҳ-гоҳ ош пухта даъваташ кунем, кифоя. Палови мо ба вай сахт маъқул шудааст.

Нақли Ҷамолиддинро бодиққат гӯш карданд, ҳамроҳонаш. Ва нафаси сабук кашиданд.

- Шинос дар ҳама ҷо бошад, хуб аст, - гуфт нафаре аз ҳамроҳонаш.

- Медонед, Мухин ба ман чи гуфт? – риштаи суханро аз нав ба даст гирифт Ҷамолиддин.

- Чӣ гуфт? Ку, бишнавем? – якбора чанд нафар баробар ба сухан даромаданд.

- Моро тоҷикони худамон фурӯхтаанд.

- Наход?!

Изҳори нобоварӣ чеҳраи бисёриҳоро фаро гирифт.

- Оббо, дар ғарибиҳо якдигарро дида, ки натавонем кай одам мешавем?

- Одам шудани баъзе тоҷик багумон. Ба сари якдигар яроқ бардошта қир шудем.

- Хайр, ин гапҳоро монеду давоми нақлро гӯш кунед, - боз ба сухан даромад Ҷамолиддин. – Як дафъа Мухин бо тобеонаш чанд тоҷикро медорад. Аз онҳо сохтмонҳоеро мепурсад, ки тоҷикон машғули кор бошанд. Бе ягон андеша чанд ҷойро номбар мекунанд. Аз ҷумла, ҷойи моро ҳам.

Худованд раҳми моро хӯрду калони милисаҳо шинос баромад. Набошад ҳоламон аз саги кӯча ҳам бад мешуд. Панҷовуҳаштум отделро бисёратон медонед, ки чӣ гуна одаманд? Ният доштанд аз ҳар кадом сад рублӣ ғундоранд. Баъд аз вагонҳо тамоми чизу чораамонро рӯфта ги-

ранд. Як қисмамонро ба сохтмончиҳои дар мафияашон қӯшбуда месупурданд. Ними дигарамонро ба суд. Чанд моҳ дар турма мехобидему пас бо ҳукми суд пеш мекарданд. Пеш карданро инҳо боз як номи дигар мегиранд.

- Депортатсия, - фаҳмонд яке аз ҳамроҳонаш.

- Ёфтӣ. Депортатсия мекунанд. Акнун, ки Мухин бехатариамонро ба уҳда гирифт, Худо хоҳад, дигар ягон милиса ба ин ҷо қадам намегузорад.

Нақли Ҷамолиддинро шунида Мустақим ба андеша рафт. Рӯзҳоеро ба ёд овард, ки пас аз ҷанги шаҳрвандӣ бисёр тоҷикон барои раҳонидани ҷони хеш аз ватан фирор намуданд. Сипас

барои рӯзгузаронӣ, дарёфти қути лоямут мардуми тоҷик ба ин кишвар чун селоб рехтан гирифт. Ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ замина гузошта шуд.

* * *

Елетс истгоҳе буд, тақсимкунак. Дар хатсайри Душанбе-Маскав. Бисёриҳо аз қатора дар ин мавзеъ поин мешуданд. Барои мусофирони тоҷик, ки ҷониби қисматҳои шарқии кишвари рус азми сафар доштанд, маҳз аз ин ҷо роҳ ибтидо меёфт.

Ба эшон лозим меомад, ба ҷанубтари минтақаи Урали рус, шаҳри Оренбург раванд. Дар ин

шаҳр ба тамоми самтҳои лозима қатора ёфтан мумкин. Ҷониби шимоли Урал ва аз он ҳам боло. Сибир, Шимоли бағоят сард, Шарқи дур ва дигар самтҳо.

Фавҷи одамӣ бо қатораҳо аз кишвари офтобрӯя, вале ҷангдидаю мусибатзадаи тоҷикон меомаду меомад. Ва дар кишвари сардиҳо ме-рехт. Титу парешон мегашт.

Имрӯз ҳам аҳвол чунин аст. Тоҷикеро, ки қариб аз хоки ватан по берун намениҳод, ҳоло дар тамоми гӯшаҳои кишвари сарди рус пайдо кардан мумкин. Ҳатто дар соҳилҳои уқёнуси яхи-ни Шимол ва уқёнуси Ором. Чун молҳои ис-теҳсолнамудаи кишвари Чин.

Ин ғурбат ва мусофират барои тоҷик баробари дарёфти ризқу рӯзӣ, сарчашмаи ҳар гуна бадбахтию нокомиҳо гашт. Аз дасти ҳомиёни ҳуқуқ, гурӯҳҳои ҷиноии рус бисёр азоб медид, тоҷик. Пулҳои бо азоб, арақи ҷабин ёфтаи ӯро кашида мегирифтанду мегиранд. Таҳқир, латукӯб мекарданду мекунанд. Бадбахтона, ба ин амалҳои зишт як гурӯҳ тоҷикон даст доштанду доранд.

Тоҷике, ки бо «шарофат»-и ҷанги шаҳрвандӣ аз ватани хеш фирор кард, ин ҷо сарпаноҳ ёфт. Қоматашро рост кард. Вале фаромӯш кард, рӯзҳои дар кишвар ба сараш омадаро. Ва аз пайи ҷабру ситами тоҷики хеш гардид. Ба қатораҳои ҷониби Тоҷикистон равона медарома-

данд, онҳо. Маълум, ки баъди заҳмати зиёд тоҷики овора қадре маблағ ба даст меовард. Акнун ба диёр мерафт. Назди аҳли байт. Баҳри беҳдошти рӯзгор.

Кисаи бисёриҳо холӣ мегашт, аз чунин «ташриф»-и ҳамшаҳриҳо. Дуд аз димоғи бисёре мебаромад. Вале замин сахту осмон баланд. Фарёдрасе нест. Ночор бо дили пурҳасрату кисаи тиҳӣ хона меомаданд.

Баҳори соли 1993 қатори бисёр тоҷикон Мустақим ҳам ватанро тарк кард. Ночорию муҳтоҷӣ ӯро ба ин иқдом водор намуд. Бародаронаш Салиму Азим охирҳои соли пешин аз диёр

фирор карда буданд. Ҳар ду дар шаҳри Челябинск меҳнат доштанд.

Он солҳо ҷанг дар водии Вахш ва маркази ҷумҳурӣ байни тарафдорони ҳукумати нав ва мухолифин поён ёфта, ҷониби водии Рашт вусъат гирифт. Вале аз диёр берун шудан кори саҳл набуд. Ашхоси зиёдеро силоҳбадастони ҳукумати нав аз тайёраву қатораҳо поин карда, нобуд сохтанд. Ба ҷурми зодаи маҳали дигар будан.

Дар истгоҳи Елетс бо қатораҳои аз Душанбе омада, фавҷи зиёди одамӣ поин мегашт. Онҳоро намояндагони хоҷагиҳои гуногуни навоҳии атроф пешвоз мегирифтанд. Ҷойи зист ва кор ваъда карда, бо худ мебурданд. Хусусан онҳоеро, ки бо аҳли байт кӯч баста буданд. Ба Мустақим ҳам як

нафари эшон, зани ситорагарм, миёнақаду андак фарбеҳ часпид. Бо чашмони кабуди осмонии зебояш ӯро гӯё сеҳр мекард.

- Чи корайӣ? – ҳангоми суҳбат пурсид зан.

- Тракторчӣ, - кӯтоҳ посухаш дод Мустақим.

- Ин тавр бошад, барои мо чун обу ҳаво лозимӣ. Биё бо ман равем. Хонаат меёбем, арӯс ҳам. Чанд сол дорӣ?

- Сивуҳашт.

- Биё, не нагӯ. Рафтем бо ман. Ман худам сивупанҷсолаам. Бо духтарчаи чорсолаю модарам зиндагӣ дорам. Шавҳарам нест. Агар маъқул афтад, бо ман зиндагӣ мекунӣ. Худам мудири фермаи дӯшоӣ. Ман мардуми шуморо хуб медонам. Меҳнатиянд. Дар деҳоти мо, баръакс. Акса-

ри мардон майзада. Кореро ба онҳо бовар кардан душвор.

Зан ин суханҳоро гуфта боз аз ӯ илтимоси рафтан кард.

- Чӣ хел равам? Охир дар ватан зану фарзанд дорам. Онҳо ба ман нигаронанд. Бояд пул кор карда кӯмакашон расонам.

- Майлаш, ёрӣ кардан гир. Ё агар маъқулат набошам, ҷойи алоҳидаи истиқомат ҳам меёбем. Фақат меҳнат кунӣ, шуд.

- Рости гап, сахт маъқулам шудаӣ. Лекин ба додаронам ваъда додаам. Челябинск наздашон равонам. Маро бубахш.

Онҳо аз дасти ҳамдигар дошта суҳбат доштанд. Зан ҳеҷ дасташро сар додан намехост.

- Эҳ, - гӯён ноилоҷ бо чашмони пурҳасрат панҷаҳои Мустақимро раҳо кард зан.

Мустақим каме роҳ гашта, қафо ҷониби зан нигоҳ афканд. Вай ҳамоно ҳасратомез бо нигоҳи чашм гуселаш дошт. Чун нигоҳашон бо ҳам афтод, имои истодан кард. Тозон наздаш омад. Аз кӯлвори хурди дастияш дафтарча ва хомаро берун оварда, даруни он чизе навишт. Вараќи навиштаашро канда ба Мустақим дароз кард:

- Ин ҷо нишонии ман. Хоҳиш пайдо шавад, марҳамат, биё. Ман интизор. Номам Вера.

Мустақим варақро аз дасташ гирифту мамнунона сар ҷунбонд. Вера шитобон қафо баргашт. Ва дар миёни анбӯҳи одамон ғайб зад. Акнун аз қафои ӯ Мустақим нигоҳ дошт. Чанд

лаҳзае, ки бо ҳам суҳбат доштанд, бо суханони нарму гуворо дили Мустақимро тасхир кард. Вале ӯ наметавонад. Дар диёри кулфатзада зану фарзандон бо дидаи чор нигарони кӯмаки ӯянд.

* * *

Рӯзи дигар баъди пешин вай ба шаҳри Челябинск расид. Челябинск шаҳрест пурра саноатӣ. Даҳҳо корхонаҳои пуриқтидор ин ҷо фаъолият дорад. Замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бисёр корхонаҳо аз қисмати ғарбии давлати шӯроҳо ба самти шарқ, аз ҷумла Урал кӯчонда шуд. Барои инкишофи саноати вазнин замина муҳайё гашт. Солҳои ҷанг барои лашкари шӯравӣ мошинҳои

ҷангӣ, танкҳо маҳз дар ин шаҳр истеҳсол меёфт. Он давра номи шаҳр иваз гардид. Барои махфӣ нигоҳ доштани корхонаҳои ҳарбӣ.

Ба хотири он солҳо дар як хиёбони шаҳр болои пояҳои махсус танке ба ёдгор гузошта шудааст. Пас аз ҷанг дар заминаи корхонаҳои ҳарбӣ истеҳсоли тракторҳо ба роҳ монда шуд. Қисмати бештари тракторҳои шудгор ва заминҳамворкунӣ барои хоҷагиҳои бешумори кишвари шӯроҳо маҳз дар ин ҷо истеҳсол мегашт. Баъди пошхӯрии сохти шӯравӣ саноати шаҳр то андозае коҳиш ёфт. Вале ба ҳар ҳол корхонаҳо фаъолият доранд.

Мустақимро бародаронаш хуш пазируфтанд. Онҳо дар бозор захмат доштанд. Вақти

сардиҳо меваи хушк ва донаи зардолу савдо мекарданд. Ҳини гармиҳо бошад, сабзавот. Меваи хушк ва донаки зардолуро аз тоҷикони Суғд дастрас менамуданд. Мардуми Суғд дар хушкондани мева ҳунари хуб дорад.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар қисмати осебнадидаи шимоли кишвар ҳам рӯзгузаронӣ душвор гашт. Кашондани меваи хушк бештар ривоҷ ёфт. Суғдиён дар бозори болопӯшидаи марказии шаҳр қатори худро доштанд. Тамоми фасли сол он ҷо савдо мекарданд. Бародарони Мустақим аз эшон меваи хушкро яклухт, бо нархи қадре арзон харида, дар бозори дигари шаҳр, ки «Сабз» ном дошт, ба савдо мезаданд. Ва даромади хуб меёфтанд.

Дар бозорҳои шаҳр асосан мардуми Қафқоз, хусусан озариҳо ва каму беш тоҷикон заҳмат мекашид, он солҳо. Мардуми таҳҷой, на он қадар. Кишвари беканори рус ба сохти бозаргонӣ, яъне капиталистӣ акнун дубора бармегашт. Дар ибтидои ин кор буд. Мардуми чин ҳам, чун қавми Яъҷуҷу Маъҷуҷ акнун ба шаҳрҳои рус роҳ меёфт.

Ҳиҷрати тоҷикон бошад, аз кишвари хеш сурати оммавӣ гирифт. Дар шаҳрҳои рус шумори эшон батадриҷ меафзуд.

Аввал бо тоҷикон бо як ҳисси эҳтиром муносибат доштанд. Чун миллати ҷабрдида. Худро озод ҳис мекард тоҷик. Ҷӯгиҳо аз тамоми ки-

шварҳои Осиёи марказӣ худро тоҷик тарошида, сарват меғундоштанд.

Чун тоҷик зиёд шудан гирифт, рафтору кирдораш низ тағйир ёфт. Муносибат аз ҷониби мардуми таҳҷо бо онҳо низ. Ба duздию авбошӣ даст зад тоҷик. Ба гурӯҳҳои ҷиноии рус даромехта, акнун худи тоҷиконро азоб дода, ғорат мекарданд. Интиқоли маводи нашъа обрӯи тоҷикро ба тамом паст зад. Акнун ба тоҷик бо шубҳа менигаристанд. Ба полиси рус Худо дод.

Пас аз оғози ҷанги Чеченистон аҳвол боз ҳам бадтар гардид. Дар шаҳрҳо тартиби бақайдгирии хориҷиён ба роҳ монда шуд. Дар бозорҳо полис доругир ташкил мекард. Хуллас ба-

рои мардуми бегона, аз ҷумла тоҷикон, зистан дар ин кишвар торафт душвор мегардид.

* * *

Бештари якуним сол заҳмат кашид Мустақим назди бародаронаш. Дар мулки бегона. Ва боз ба ҳамон истгоҳ баргашт. Истгоҳи Елетс. Истгоҳе, ки соли пешин бо қатораи аз диёр омада, дар мулки ғарибиҳо по ниҳод.

Ҳини омадан фасли баҳор фаро мерасид. Дарахтон акнун муғча мебастанд. Селаи зоғу шӯрнулҳо аз кишварҳои гарми ҷануб ин тарафҳо парида меомаданд. Қатори мардуми пайи ризқу

рӯзӣ омада. Ҳоло бошад, фасли пойиз ҳукм дошт. Ҳаво сарду дарахтон урён.

Офтоби аз дурии дашт тулуъ карда, ҳеҷ гармӣ надошт. Аз замин ҳавр мехест. Зоғу шӯрнулҳо акнун баланд парвоз доштанд. Ҷониби кишварҳои гарми ҷануб. То омадани қатора ҳоло вақт буд. Мебоист аввал қатора аз самти Душанбе меомад. Ва он омад. Қатораи берангу тира. Гӯё мусибати кишвар ба вай низ асар гузоштааст. Бисёр тирезаҳо аз берун панҷарапӯш. Баъзеҳо шикаста.

Замини чанд кишварро убур карда, пасон ба Русия ворид мешавад, қатораҳои Тоҷикистон. Лек дар кишвари ҳамсарҳаду ҳамсояи Узбакистон тоҷиконро ҳеҷ дида натавонистанд, ки натавони-

станд. Бо ҳар роҳ мекӯшад фишор орад, ин ҳамсоя. Мисолаш тирезаҳои шикастаю панҷарапӯши қатораҳо.

«Мазза»-и бемаззагиҳои ҳамсояҳоро порсол, ҳини омадан Мустақим ҳам чашида буд. Баъди шом дар ҳуҷраи қатора сарҷамъ хӯрок тановул доштанд. Санги калоне ба тиреза бархӯрд. Рӯйи суфра шишапораҳои зиёд рехт. Сару рӯйи чанд нафар хуншор гашт.

Акнун мусофиронро чун порсола пешвоз намегирифтанд. Интизорашон набуданд. Вале одам торафт бештар меомад, аз кишвари ҷангзада. Зану мард, пиру барно. Қариб ним соат дар ҳар гӯшаи истгоҳ фаровон шунида мешуд, гуфтори тоҷикӣ. Полиси бисёр низ гаштугузор дошт.

Ҳуҷҷатҳои навомадагонро тафтиш мекарданд. Мардум пас аз фосилае ба ҳар тараф парешон шуда рафт. Полисҳо бошанд, як ҷавони тоҷикро бо дастони баста гирифта бурданд. Гӯё ӯ бо худ яроқ доштааст. Ҳини аз Челябинск сафар кардан Мустақимро огоҳ намуданд, ки ҳаргиз шабона дар бинои истгоҳ интизори қатора наистад. Худи тоҷикони ҷиноятпеша мардуми сафаракиро рӯз намедодаанд.

Ба бахташ як марди чилупанҷсолаи паҳлавонҷусса бо номи Асрорхӯҷа ҳамсафараш гардид. Сафарашон тавре сурат гирифт, ки субҳгоҳон ба истгоҳ расиданд.

Марди миёнсоле дар истгоҳ бо онҳо шинос ва ҳамроҳ гардид. Лозим меояд шабро дар истгоҳ

рӯз намояд. Бо алам нақл кард, ки маҳз чанд нафар тоҷик як миқдор пул ва савғотиҳояшро зӯран кашида мегиранд. Ба қавли ӯ акнун аз роҳзанҳои қатораҳои тоҷикон эҳтиёт шудан лозим буд. Вале Асрорхӯҷа ӯро дилпур кард:

- Бо ман, ки бошӣ зиқ нашав. Ман Худо гуфта гаштаам, ки бо ин хел тоифа рӯ ба рӯ шавам. Пӯсташонро канда мепартоям.

Ниҳоят қатораи Тоҷикистон расида омад. Билетдору бебилет ба қатора часпиданд. Мардум бештар бе билет кӯшиши савор шудан дошт. Арзон меафтод. Ҳамагӣ ними роҳкироро ба дасти роҳбалад мечаспонданду халос. Бе билет ба ватан рафта мерасиданд.

Ба истгоҳи оянда нарасида роҳбаладҳо огоҳ намуданд, ки сафаракиҳо бояд ҳушёр бошанд. Ба қатора тоҷикони шӯрапушт савор хоҳанд шуд. Асрорхӯҷа панҷаҳояшро фишурду ҷониби Мустақим чашмакӣ зад.

- Ана омаданд! – ба як тарафи вагон нигариста начандон баланд нидо кард нафаре, ки паҳлуи Мустақим менишаст.

- Кӣ омад? – дарҳол мароқ зоҳир намуд Асрорхӯҷа.

- Ки мешуд, ҳамшаҳриҳоямон, - чин дар пешонӣ, бо дили нохоҳам посух дод ӯ.

- Омадан гиранд, чи ҷойи бадӣ дорад? – фориғболона гуфт Асрорхӯҷа.

- Эҳ ака, ҳама гап дар сари ҳамин-да. Кисаҳоямонро холӣ мекунанд, ин ҳамшаҳриҳо.

- Фаҳмо.

Асрорхӯҷа дигар чизе нагуфт. Чеҳрааш ҷиддӣ гардид ва ба он ҷониб нигарист. Он ҷо бошад, се нафар ҷавон ба дигарон имкони сухан гуфтан надода, беист ҳарф мезаданд. Асрорхӯҷа бодиққат онҳоро назора дошт.

- Ҳаминҳоянд, муштзӯрон? – ниҳоят пурсид ӯ аз ҳампаҳлуи Мустақим.

- Инҳо кучукчаҳошон. Зӯрҳошон ҳар дафъа ба поезд савор намешаванд. Дар истгоҳи оянда интизор меистанд. Агар савор шаванд, дар вагон корашон роҳат кардан аст. Ягон кас ҳақ надиҳад,

инҳо дарҳол хабар мерасонанд. Пас омада адаби саркашро медиҳанд.

Ниҳоят он се нафар назди онҳо расида, дар кунҷе нишастанд. Як нафарашон, ки роҳбар ҳисоб меёфт, чашмони олусу ваҷоҳати беқароре дошт. Беист гап мезад.

- Хайр, доляи моро фаромӯш накардед, албатта? – суханро хулоса намуд ӯ.

То омадани се нафар Асрорхӯҷа ҳамроҳонашро огоҳ карда буд, ки хомӯш истанд. Ҷавоби эшонро танҳо ӯ мегӯяд. Аз ин рӯ ба пурсиши олус касе посух надод. Ҳама мунтазири ҷавоби Асрорхӯҷа буданд. Аммо ӯ таъхир дошт. Олус боз беқарортар шуд.

- Ҳм-м, кар шудед-чӣ? – сақичи даҳонашро тезтар хоида овоз баланд кард ӯ.

- Кадом доля? – бо нигоҳи тезу чеҳраи сард омирона пурсид Асрорхӯҷа.

Олус дасту по хӯрд аз ин нигоҳу гуфтор. Ва аз ҷо бархост.

- Хайр ба хубӣ надиҳед, ихтиёратон. Шефҳо, ки омаданд, аз худатон гила кунед. Бо дасти адаб то тини охиринаш худатон баровварда медиҳед. Боз чанд шатта ҳам мехӯред.

Олус инро гуфта хост ба купеи дигар гузарад. Асрорхӯҷа ҷаста аз ҷояш бархосту бо дасти рост аз пушти гардан либоси болоияшро дошта, аз замин озод бардошт.

- Чи катагӣ дорӣ, кучукбача?!

Олусро даҳшат фаро гирифт. Хаёл кард, ки Асрорхӯҷа ӯро хомохом мехӯрад. Асрорхӯҷа ӯро ҷониби роҳи омадааш баргардонду аз даст раҳо кард. Пойҳояш ба замин расам – нарасам, ба таги думбадааш лагади сахте фаровард. Вай парида чанд қадам ба пеш афтод. Асрорхӯҷа ба атроф нигариста, хост ҳамроҳонашро даст гирад. Онҳо вазъиятро дарк намуда, мушвор ба ҳар тараф гурехтанд.

Асрорхӯҷа ҷониби олус по ниҳод. Вай аз замин бо азобе нийяти хестан дошт. Чун дид Асрорхӯҷа ҷонибаш по ниҳод, ҳаракатҳояш тез гардид. Ҷаста аз ҷояш бархосту рӯ ба гурез овард. Дартоз аз вагон берун шуд. Асрорхӯҷа

баргашта ба ҷояш нишаст. Ҷониби Мустақим табассумкунон чашмакӣ зад.

Дигар касе ба қатора ташриф наовард. Бе ягон саргузашт ҳама ба диёр расиданд.

## БОБИ I

- Ата, ма Расия мерам! – аз дар ворид шудан замон, шодиёна нидо кард Саидаброр.

Саидаҳмад ба чеҳраи писари навҷавону резапайкараш ҳайрон ва дурудароз нигарист. Ҳамагӣ ду моҳ пеш мактаби миёнаро хатм кард ӯ. Кӯшиши ба донишгоҳ дохил шудан намуд. Вале натавонист. Аз имтиҳони дохилшавӣ афтид. Ҳоло дар бозор ҷунбуҷӯл дорад. Чанд маротиба фикри Русия рафтанро дар омади гап баён намуд. Ин

дафъа гуфтораш дигар. Гӯё масъалаи рафтан ҳал шуда бошад.

- Чи хапӣ, ата? – рӯ ба рӯйи падар нишастан пас, хомӯшияшро дида пурсид ӯ.

- Расия рафтан шарт аст? – ниҳоят гуфт Саидаҳмад. – Дар ҳамин ҷо, пешамон кор карда гардӣ, намешавад? То соли дигар тайёрӣ мебинӣ. Баъд насиб бошад, дохил шудан мумкин.

Саидаброр каме ҷиддӣ гашт.

- Ата, бе ман ҳам худат хуб медонӣ. Ҳозир олим ҳам бошӣ бе пул қабул намекунанд. Ин ҷа ай куҷо пул меёбем? Пули ёфтагимон ба рӯзгор базӯр мерасад. Хубаш рафта як сол кор кунам. Пули дохил шудана ёфтан мумкину ҳам ба оила ёрдам мешавад.

- Бо кӣ меравӣ?

- Ҳо бачае, ки дар барам бозича мефурӯшад – ку? Эраҷ. Ҳафтаи дигар амакаш равонай. Номаш Мустақим. Ҳар сол Расия рафта меояд.

- Бо ӯ маслиҳат кардӣ?

- Ҳова. Дафъаи гузашта вай дар Расия бо як ошнои урусаш дучор меояд. Дар вилояти Тула дар як заводи химиявӣ ҷонишини директор будааст. Адресашро ба Мустақим дода, таклиф мекунад, ки наздаш биёяд. Ҷойи кору хоб ваъда кардааст. Худам камтар роҳпулӣ дорам. Боз камтари дигар ёрдам мекардӣ, тамом.

- Ин тарафашро ягон илоҷ мекунем. Лекин очаат розӣ мешуда бошад?

- Ягон илоҷ карда розӣ мекунам. Худат ҳам аз гапот он қадар розӣ нестӣ.

- Кӣ мехоҳад, ки фарзандаш аз пеши чашмонаш дур бошад?

- Ҳозир аз ман дида ёшҳо ҳам рафта истодаанд. Камтар дар ғарибиҳо гашта зиндагиро ёд мегирем.

Саидаҳмад ҳис кард, ки бори гарони рӯзгор ба писараш ҳам бетаъсир намондааст. Ҳамин сол мактабро хатм кард. Вале аллакай гӯё марди рӯзгордида.

Ҳине ки ба пойтахт кӯчида омад, он вақт писараш дар синфи дуюм мехонд. Хурдсол буд, аммо аз душвориҳо ҳарос надошт. Боре назди падар омада арз кард, ки бо ҳамсолонаш аз мак-

таби ҳамсоя дар муноқиша шудааст. Мехоҳад падараш аз ҷониби ӯ доварӣ намояд. Ҳайрон шуд, аз суханони писар.

- Ин чи хел мешавад, писарам? Ту бояд ҷанг куниву ман судя?

- Охир ма тоқаюм, ата, - содалавҳона худро ҳақ баровардани мешуд, Саидаброр. - Ҳамсинфом нестан.

Саидаҳмад чизе нагуфт. Ба ҷойи муноқиша бо писараш ҳозир гашт. Як гурӯҳ писаракони ҳамсоли Саидаброрро дид. Ва сухан гуфт. Бо мулоиматӣ. Суханони ӯро бодиққат гӯш мекарданд, бачаҳо. Пасон бо Саидаҳмад ва писараш як-як даст дода хайрухуш намуданд. Чун дӯстони дерина.

Дар бозгашт Саидаброр гуфт:

- Ата, биё дар мактаби мо муаллим шав.

- Чаро?

- Як хеле гап мезанӣ, ки ҳама гӯш мекуна. Синфамон аълочӣ мешава.

Саидаҳмад ба суханони писараш посух надод. Танҳо табассум намуд. Имрӯз писарчааш сабзида, навҷавон шудааст. Акнун нийяти сафари Русия дорад. Саидаҳмад ҳеҷ намехост писар аз пешаш дур шавад. Фикр мекард, рафтан барои ӯ каме барвақт аст. Ақаллан шиносу наздикон он ҷо мебуд, гапи дигар. Ба навҷавони ноозмуда ғурбат хеле душвору гарон хоҳад афтод. Ҳарчанд русияравӣ барои тоҷикон сурати оммавӣ гирифтааст.

Бисёр мешунид ва аҳён мехонд дар рӯзномаҳои мустақил. Аз он ки дар ғарибӣ, дар Русия тоҷикон бо ҳар ваҷҳ шаҳди марг мечашанд. Илоҷ бошад, мурдаи эшонро меоранд. Набошад, не. Ҳамон ҷо макони охират меёбанд. Баъзеҳо бедарак мешаванд. Чун замони ҷанги Гирмон ва шаҳрвандӣ. Гӯё тоҷик имрӯз бесоҳиб аст. Касе нест ин миллати сарсахту азиятдидаро соҳибӣ намояд. Аз ин рӯ Саидаҳмад ҳеҷ ҳавсала надошт писари навҷавонаш аз пешаш дур шавад.

Худи ӯ боре нийяти Русия рафтан кард. Чанд нафар шиносҳояш озими сафар шуданд. Ӯро низ таклиф намуданд. Дар ин миён ҳамсояаш аз Русия баргашт. Вай он ҷо се сол заҳмат кашид. Вале қариб дасти холӣ ба хона омад. Аз

рӯзҳои он ҷо будааш ҳикоят кард. Рӯзҳои душвори ғарибӣ. Ҳамсараш низ аз саргузашти ҳамсоя воқиф гашт. Боисрор хоҳиш намуд, ки аз раъяш гардад. Ноилоҷ сафарашро мавқуф гузошт. То имрӯз.

Пасон ба кори тиҷорат даст зад. Каме маблағ гирд оварда, ба хариду фурӯш машғул гардид. Асосан ба савдои соатҳои гуногун. Ҳамроҳи тоҷирон мерафт ё пул медод, бораш меоварданд. Ҳоло писари русияраваш Саидаброр соатҳои овардаи ӯро дар бозор нишаста мефурӯшад. Тиҷораташ танҳо барои сариштаи рӯзгор кифоят мекунад. Маблағ захира карда наметавонад. Маҳз набудани маблағ имкони ба донишгоҳ дохил кардани писарашро наёфт.

- Очаш, писарат Расия равон аст, - ба ҳамсараш, ки вориди ҳуҷра гардид, хабар дод Саидаҳмад.

Инро шунида модар худро каме гум кард. Паҳлуи ҳамсараш болои суфаи истироҳат ниша-ста, ба писараш нигарист.

- Барои чӣ? – ниҳоят пурсид ӯ.

- Гила дорад, ки ба мактаб дохил накардем. Рафта пул кор карда, баъд омада дохил меша-вад.

- Очат садқат, бача. Атат ду мактаба хонда тамом кард. Вале имрӯз бекор.

- Атам худуш ҳавсалаи кор кардан надора.

- Дорад бачам. Лекин кори хуб намеёбад. Чанд ҷо рафт, пулаш ба роҳкирояш намерасад.

- Хайр, чӣ кор кунам?

- Дар ҳамин бозори худамон ҷо доред – ку? Савдо кардан гир.

- Борамон кам. Пул нест, ки бизнесро дуруст пеш барем. Як сол дар Расия кор кунам, пул, ки шуд ба мактаб ҳам дохил мешаваму бизнесро хуб ба роҳ мемонем.

- Дар ғарибиҳо азоб мекашӣ, бачам.

- Як ман танҳо не. Ҳозир қариб нисфи мардуми тоҷик дар Расия.

Модар дар посухи суханони писар чизе гуфта натавонист. Ҷавоб наёфт. Медонист, ки писари навҷавонаш нийяти рафтан дорад. Азмаш қавист. Ҳам шод буду ҳам ғамгин. Шод аз он ки Саидаброр акнун мард шудааст. Дақиқтараш

зиндагӣ ӯро бармаҳал мард намуд. Ғамгин аз он ки дур мешавад, аз пешаш.

* * *

Рӯзи сафар наздик омад. Модар барои писар тӯшаи роҳ омода кард. Ҳар гуна хӯрданиҳо. Бо ширу равған кулча пухт. Кулчаеро дудаста дошту аз писар хоҳиш кард, як гӯшаашро андаке газида хӯрад.

-Илоҳо сиҳату саломат гашта ойӣ, - фотиҳа дод модар. – Мондагияш насибат шавд.

Модар боқимондаи кулчаро дар як гӯшаи сақфи хона овехт.

Истгоҳи роҳи оҳан серодам буд. Аз равандагону гуселкунандагон. Дар он ҷо Саидаҳмад акнун Мустақимро дида монд. Хеле бо ҳам гуфтугӯ карданд.

- Ҳар сол авали баҳор сафар мекардам, - нақл кард Мустақим. – То охирҳои тирамоҳ он ҷо меҳнат карда, баъд гашта меомадам. То баҳори оянда дам мегирифтам.

- Пулро захира карда, баъд роҳат мекунӣ. Ҳамин тавр не? – шӯхиомез пурсид Саидаҳмад.

- Ҳов. Зимистон пеши фарзандон будан беҳтар. Хона таъмирталаб шуда буд. Аз ин рӯ имсол баҳор рафта натавонистам. Расия фақат як ҷо меравам. Шаҳри Челябинск. Он ҷо чанд сол

аст, ки додаронам меҳнат доранд. Ҳоло бошад, ҳамроҳи Саидаброр вилояти Тула равонем.

- Бародар, худат одами гармию сардиро бисёр дидагӣ. Писарамро аввал ба Худо, баъд ба ту месупорам. Ҳоло вай бача аст.

- Саидаброр бачаи дидадарост. Расия доимо худам танҳо меравам. Эраҷ ӯро наздам овард. Тарзе гап мезанад, ки суханашро ду карда намешавад. Акнун ки бо ман равон аст, мекӯшам дар пояш хор нахалад.

- Умедам ба туст.

Ба воситаи баландгӯяки болои бинои истгоҳи роҳи оҳан эълон карданд, ки мусофирон ба қатора савор шаванд. Дафъаи охир Саидаҳмад писарашро ба оғӯш гирифт.

Қатора ба роҳ даромад. Ҳисси ногуворе вуҷуди Саидаҳмадро фаро гирифт. Дар ҷояш карахт меистод. Чизе гулӯяшро мефишурд. Нигоҳаш ҷониби қатораи дур шудаистода. Ҳине ки ба худ омад, қариб касеро надид дар атроф. Нигоҳаш ба писари калонияш Саидаҳрор бархӯрд, ки назди баромадгоҳи истгоҳ мунтазири ӯст.

Суръати ҳаракати қатора тораф меафзуд. Мусофир он қадар зиёд дида намешуд. Мустақим ба ёд овард, ки ҳамагӣ чанд сол пеш ба қатора савор шудан,имконнопазир буд. Одамон тайёр буданд, дар роҳраву даҳлезҳо рост истода бираванд. Ба ғарибӣ.

Хоҳишмандон хеле зиёд буданд. Дастандаркорон чун диданд, мардум баҳри сариштаи рӯзгор ҷуз муҳоҷират илоҷи дигар надоранд, хати сайри қатораҳоро зиёд карданд. Аз дигар шаҳрҳо бошад, хати нави сайр кушоданд.

Серодамӣ дар қатораҳо то андозае коҳиш ёфт. Муҳоҷират бошад, ҳамоно меафзуд. Мустақим андеша дошт, ки кош ҳукуматдоронро Худо инсоф медод. Фикри аз нав барқароркунии корхонаҳоро ба сар мегирифтанд. Мардум дар диёри худ кор меёфт. Камтар ба муҳоҷирату ғарибӣ рӯ меовард. Вале афсӯс…

Мустақим ҳис кард, ки Саидаброрро бетоқатӣ фаро гирифтааст. Аз тиреза ба берун тез-тез нигоҳ мекунад. Бархоста даруни қатора

рафтуо дорад. Ҳине ки омада дар ҷояш нишаст, Мустақим аз ӯ пурсид:

- Аллакай даруни вагон ба дилат зад?

- Бори аввал аст, ки савор шудам, - иқрор шуд вай.

- Ба берун чаро ин қадар менигарӣ?

Дар чеҳраи Саидаброр ҳисси маъюсӣ ҳувайдо гашт.

- Кӣ медонад, боз кай гашта меоем.

Мустақим ба китфаш тап-тап зад.

- Худо корро барор диҳад, хуб ҳаял кунем як сол он ҷо мемонем.

Саидаброр хаёлолуд китф дарҳам кашид. Нафари ришдоре паҳлуи Мустақим менишаст.

Гуфтори ҳардуро назора дошт. Ба Саидаброр ишоракунон пурсид:

-Аз афташ бори аввал равон аст?

- Ҳов. Дафъаи якум, - ҷавобаш дод Мустақим.

- Писарат ё ягон хешат?

- Ҷиянам.

- Ҳеҷ гап не, ҷиян. Дар ғарибиҳо камтар гардӣ, омӯхта мешавӣ. Аввалҳо ман худам ҳар сол мерафтам. Писарҳо калон шуда дигар рафтан намонданд. Ҳоло се писарам он ҷо. Бо навбат хабаргирӣ меоянд. Таклиф карданд, наздашон меҳмонӣ равам.

- Писарҳот дар кадом шаҳрванд?

- Дар як деҳаи вилояти Уляновск. Бо зану фарзандонашон. Як фермаро иҷора гирифтаанд.

- Одами Расия шудаанд, гӯй.

- Бале, дар қайди ҳамон ҷоянд. Беташвиш мегарданд.

- Пиру кампир дар ватан танҳо мондед, аз афташ?

- Не, писари хурдӣ ҳамроҳи мост. Шукр, вайро ҳам хонадор кардем.

- Одами хушбахт будайӣ. Дар ин шабу рӯз на ҳар фарзанд фикри падару модар мекунад.

- Гапат рост, додар. Пиру кампири ҳамсоя дорем. Барҷо мондаанд. Чанд сол аст, ки ягона писарашон дар Расия. Мегӯянд, ки он ҷо зан гирифта, фарзанддор шудааст. Падару модари пи-

рашро тамоман суроғ намекунад. Мо, ҳамсояҳо аз ҳолашон хабар гирифта меистем. Коре мекунем, ки азоб накашанд.

- Кори савоб мекунед, ака. Худо подоши некиатонро дода истодааст. Дар симои фарзандони фармонбардор.

- Бале, додар, - хушҳол гашт ришдор. – Шукри Худо фарзандон дар хизмати моянд. Ҳа, агар мумкин бошад, мегуфтед, ки куҷо равонед?

- Ба шаҳри Новомосковскийи вилояти Тула.

- Ягон нафаратон он ҷост?

- Несту лекин як ҳамхизмати русам дар ҳамон шаҳр зиндагӣ дорад. Дар як корхона хӯҷаини калон. Порсол дар шаҳри Челябинск бо ӯ вохӯрдам. Адрес, телефони ҷойи корашро дод.

Хоҳиш кард, албатта, наздаш равам. Ҷойи кору хоб ваъда намуд. Ду моҳ пеш телефонӣ гапзанон кардем. Ҳоло наздаш равонем.

- Ҷойи кору хоб ваъда карда бошад, азоб намекашед. Бисёр ҳамшаҳриҳоямон ҷон коҳонда меҳнат мекунанд, дар бозорҳо. Лекин аз дасти милисаву муштзӯрон рӯз надоранд.

Дар лабони Мустақим табассум дамид.

- Ин рӯзҳоро бисёр аз сар гузарондаам, ака, - гуфт ӯ.

- Эҳ додар, кадом тоҷик ин рӯзҳоро надида-аст. Кисаҳои худамро ҳам чанд бор холӣ кар-данд. Бадбахтии мо дар он аст, ки ягон миллат мисли мардуми тоҷик дар шаҳрҳои Расия беқад-ру бесоҳиб нест.

Аз суханони охирини ҳамсуҳбаташ Мустақим баланд хандид. Ришдор мутаҳаййирона ба ӯ нигариста монд.

- Ҷони гапро гуфтӣ, ака. Дар ватани худамон ҳамдигарро дида наметавонем. Пас аз ғарибиҳою мулки бегона, чӣ ҷойи гила?

Ришдор ба хандаи Мустақим акнун сарфаҳм рафта, худ низ хандид. Ба Саидаброр нигариста пурсид:

- Чӣ ном дорӣ, ҷиян?

- Саидаброр, - бо тамкин посух дод вай.

- Номи хушрӯ. Мактабро тамом кардӣ?

Саидаброр бо аломати ризо сар ҷунбонд.

- Ба ягон мактаб дохил нашудӣ?

- Нийяти дохил шудан дошт, - ба ҷойи Саидаброр ҷавоб дод Мустақим. – Лекин пул набошад, ҳамааш бефоида. Насиб бошад, рафта пул кор кунад, омада соли дигар дохил мешавад.

- Эҳ, тоҷики бечора, - афсӯсхӯрон гуфт ришдор. – Бачаҳомон аллакай аз хурдсолӣ калонсол мешаванд. Фақат ҳамин ки ростқавлу фармонбардор бошанд. Як ошно дорам. Инсони хеле хуб аст. Ду писараш дар Расия. Ҳардуяш ҳам маҳкам. Як тоҷикбачара дар Маскав чанд рус дошта мезананд. Писари калони ошноям аз пушти он тоҷик бо онҳо сарбасар шуда, сахт латукӯбашон мекунад. Ӯро гирифта мешиноnанд. Он тоҷикбача бошад, дар озодӣ. Ақаллан як бор аз ҳолаш хабар нагирифтааст.

Писари дуюмаш барои як сиган дача месозад. Пас аз адои кор ҳақи хизматашро медиҳад. Пули калон. Дар кӯча ӯро милисаҳо дошта, дар кисааш дору меандозанд. Маълум мешавад, ки худи сиган ӯро фурӯхта будааст. Ними пулҳоро ба сиган баргардонда медиҳанду ними дигараш-ро соҳиб мешаванд, милисаҳо. Писарро бошад, паси панҷара ҷо мекунанд. Бечора ошноям ҳисобашро гум кардааст. Ақаллан имкон надорад, ки рафта аз ҳолашон хабар гирад. Ба президенти Расия мактуб навишт, бенатиҷа.

Нақли мӯйсафедро шунида воқеъае ба ёди Мустақим расид. Дар ҳамсоядеҳаашон зане мезист. Аз мардуми Қафқоз. Чун ҷанги шаҳрвандӣ рух доду шавҳари тоҷикашро куштанд, ду ти-

флашро гирифта ба ватани аҷдодӣ рафт. Пас аз чанд соли ҷанг ба деҳа омад. Худаш танҳо. Дар ҳақи шавҳари ҳалок гардидааш хайру худойӣ кард. Ба чанд оилаи бе саробонмонда, кӯмаки ҷиддӣ расонд.

Пеш аз бозгашт ба ватан эълон дошт, ки дар яке аз кишварҳои Скандинавияи Аврупо тағояш сармуҳандиси ширкати истеҳсолкунандаи нафт аст. Касе хоҳиш дошта бошад, марҳамат. Бо тағояш гапзанон кардааст. Бо кор таъмин мекунад. Маъош хеле зиёд аст. Хоҳишмандон фақат роҳкиро ёфта ба дасти вай диҳанд ва шиносномаи хориҷӣ гиранд, шуд. Он тараф кори вай. Ҳамаро то Скандинавия бурда мерасонад.

Хайру эҳсони ӯро диданду ваъдаи маъоши зиёдро аз даҳонаш шуниданд, ҳама ба ҳаракат даромад. Натанҳо аз деҳаи шавҳараш. Аз деҳоти атроф низ хоҳишмандони зиёд ёфт шуданд. Садҳо нафар номи хешро ба рӯйхати дасти зан номнавис карданд. Баъзе қарз гирифтанд, қисме гову молашонро фурӯхтанд. Барои роҳкиро.

Зан гоҳ-гоҳ Душанбе рафта меомад. Боре рафту дигар барнагашт. Ҳафтаҳо, моҳҳо гузашт. Лек дигар касе рӯйи ӯро надид. Зан маблағи «хайру эҳсон»-и кардаашро даҳҳо баробар рӯён-да ғайб зад. Чанд нафар мубталои бемор ӣ шуд. Якеро фишори баланди хун аз по афтонду дига-реро сактаи дил.

Мустақим ин воқеъаро ба мӯйсафед нақл кард. Вай ба андеша рафту пас бо чеҳраи гирифта гуфт:

- Афсӯс, бисёр содаю зудбоварем. Як бор дар Маскав будам. Зимистон буду барф меборид. Аз кӯчае бо ду ҳамроҳам гузар доштем. Назди ошхонае расидем, ки соҳибаш як марди озар будааст. Ҳатто рӯйи кӯча миз гузошта буд. Маълум, ки нуфуз дорад. Моро дида наздаш хонд. Киву аз куҷо буданамонро пурсон шуд. Гуфтем, ки тоҷикем. “Тоҷику Тоҷикистонро намедонам”, гуфт. Ҳарчанд аз гузаштагонамон ёдовар шудем, надонист.

«Аббос!», гӯён рӯ ҷониби ошхона гардонда фарёд зад. Аз он ҷо як марди қаддарози қоқина

берун шуда, наздамон омад. Бо риши дамидаю сару либоси куҳнаю чиркин бехонумонеро мемонд. «Ана, ин ҳам худашро тоҷик мегӯяд, - бо дасташ ҷониби мард ишоракунон гуфт озар. – Барои як истакон пиво чи коре, ки фармоям иҷро мекунад. Одам вақте ки аз хона мебарояд, куҷое ки наравад як чизро набояд фаромӯш кунад: вай кисту аз кадом миллат аст? Ана, ин ҳамшаҳрии шумо Аббос ва ба ин монанд танҳо номи шумо – тоҷиконро танҳо паст мекунанду халос».

Ба суханони озар ягон ҷавоб наёфтам. Чӣ ҳам мегуфтам, вақте ҳамдигарро дида наметавонем? Ин аст, ки дар азобем.

Хеле бо ҳам суҳбат намуданд. Шом ҳам гузашт. Шаб фаро расид. Мусофирон пайи та-

раддуди хоб шуданд. Мустақим Саидаброрро дар қабати якум ҷо кард. Худ ба дуюм баромад. «Бори аввал дар поезд савор аст, - аз дил гузаронд ӯ. – Мабодо афтида монад».

Саидаброрро ҳеҷ хоб намебурд даруни қатора. Ҳамроҳонаш ҳама  хоб. Чанд маротиба аз ҷо бархоста даруни қатора рафтуо кард. Монда шуд ва рӯйи ҷойхоб дароз кашид. Билохира зери садои якмаром ва ҳаракати қатора хобаш бурд. Чун аллагӯиҳои модар ва ҷунбиши гаҳвора. Қатора бошад, шитоб дошт. Ба сӯйи ғарибиҳо, бо мусофирони хеш.

* * *

- Кай рафт? – аз суханони духтараки реза-андом, чашмкабуду малламӯй моту мабҳут шуда, базӯр пурсид Мустақим.

- Тахмин ду ҳафта шуд, - аз коғазҳо сар бардошта, посух дод духтараки котиба.

- Аҷиб. Моро таклиф карду худаш ғайб зад, - гӯё бо худ ҳарф мезада бошад, пичирросзанон гуфта монд Мустақим.

Суханони ӯро ба ҳар ҳол духтараки котиба шунид.

- Умуман Антон Павловичро таъҷилан ба Америка фиристоданд. Ҳатто аз ин ҷо не. Дар Маскав буд. Аз вазорат ба корхона барқия расид. Пас аз ҳамон ҷо ба ҳайати вакилони вазорат ҳамроҳ шуда, озими сафар гашт. Агар ин ҷо ме-

буд, гапи дигар. Ҳатман моро огоҳ мекард. Супориш медод. Вай, ки нест, узр. Бароятон коре карда наметавонам.

- Чандвақта он ҷо рафтааст?

- Қариб думоҳа.

Инро гуфта духтарак аз нав ба коғазҳои пешаш дида дӯхт. Мустақим дигар чизе нагуфт. Чини пешонияш дучанд афзуд. Ба Саидаброр имо кард, ки аз қафояш берун бараояд. Чанд лаҳза дар қабулгоҳи сарвари корхона ва муовини он ҳузур доштанд ҳар ду. Вале аз суханони раду бадал шуда, чизе фаҳмида натавонист Саидаброр. Лек аз чеҳраи гирифтаи Мустақим дарк намуд, ки корашон омад накард. Ҳини аз истгоҳ то ба ин ҷо омадан, Мустақим танҳо ҳазлу шӯхӣ

дошт. Мегуфт, ки корашон, албатта, омад мекунад. Аммо акси ҳол рӯй дод.

- Чӣ гап шуд, ака? – вақти бо зинапоя аз қабати боло поин шудан пурсид. Саидаброр.

- Нашуд додар, - маъюсона гуфт Мустақим. – Сабил, одами даркориамон Америка рафтааст. Акнун чӣ кор кунем, намедонам?

Дар истгоҳи автобус, воқеъ дар канори шаҳр ҳар ду танҳо менишастанд. Мустақим тамоман рӯҳафтода менамуд. Саидаброр як-ду бор аз ӯ чизе пурсон шуд. Бо дили нохоҳам базӯр ҷавобаш дод. Ҳавсалаи сухан гуфтан надошт. Саидаброр дар дил худро маломат мекард. Шояд ин нобарорӣ бо пою қадами ӯст? Кош ба Русия намеомад.

- Ҳеҷ гап не, ҷиян, ту зиқ нашав, - гӯё фикрҳои Саидаброрро мехонда бошад, бепарвоёна даст афшонда гуфт Мустақим. – Аз ин ҳам рӯзҳои бадро дидем. Ҳамааш гузашт. Инаш ҳам мегузарад.

Дили Саидаброр каме бардошта шуд. Ва ба чеҳраи Мустақим нигарист. Вай бошад ба суханонаш идома дод:

- Акнун Маскав меравем. Он ҷо холабачаам дар як сохтмон кор мекунад. Як-ду рӯз меҳмонаш мешавему аз вай роҳкиро мегирем. Баъд Челябинск пеши додаром меравем. Худо хоҳад бароямон, албатта, кор ёфт мешавад.

Рӯз бегоҳ мешуд. Мустақим дар дил Худо мегуфт, ки бо милисаҳо рӯ ба рӯ нашаванд. Дида

монанд, ҳатман ба шуъба гирифта мебаранд. То пул наситонанд, сар нахоҳанд дод. Дар ин мавриди пулашон ҳатто то Маскав намерасад.

Ба истгоҳ як мӯйсафеди рус расида омад. Дар рӯ ба рӯяшон нишаст. Салом дод. Ришу мӯйлабаш аз дуди тамоку ба худ каме ранги зард гирифта буд. Одами хушмуомила метофт. Чанд лаҳза ба мусофирон нигарист. Сипас пурсид:

- Аз афтатон маълум, ки одами таҳҷой нестед. Ҳатто аз мардуми рус ҳам.

- Ёфтӣ бобо, - посухаш дод Мустақим.

- Пас шамоли куҷо парронд?

- Шамоли хеле дур. Аз Тоҷикистон.

- О-о, - хушҳол гашт мӯйсафед. – Ҳамшаҳрҳои ман будаед-ку?

- Наход? – Мустақим ҳам хушҳол гашт.

- Ман одами ҳарбиям. Солҳои шастум дар сарҳадҳои ҷанубӣ чанд сол хизмат кардам. Асосан дар Помири Тоҷикистон. Дурусттараш дар Дарвоз. Ҳатто кам-кам забони шуморо ҳам ёд гирифтам.

Мӯйсафед инро гуфта чанд калимаи тоҷикиро талаффуз кард.

- Чи тавр? – хушҳолона гуфт вай.

- Хеле хуб.

- Ана дидед. Ин қадар солҳо гузашту ман то ҳол забони шуморо фаромӯш накардаам. Умуман мардуми шумо хеле меҳмоннавоз аст. Ин ҷо, дар шаҳри мо мардуми сиёҳ он қадар бисёр нест. Аз Қафқоз, асосан озариҳо. Дар бозоранд. Корашон

хариду фурӯши мевачот. Бозор қариб, ки дар дасти онҳост. Шумо, ҳамшаҳриҳоямро акнун дида истодаам.

- Моро таклиф карданд, вагарна омадани мо ҳам гумон буд.

- Фаҳмо. Умуман мардуми шумо аз қафқозиҳо хеле фарқ дорад. Ҳатто дар даврони шӯравӣ бозорҳои Расияро забт карда гирифта буданд, инҳо. Ҳоло бошад, ба онҳо гӯё Худо дод. Мардуми шумо баъди ба сарашон омадани мусибати ҷанги дохила дар ин ҷойҳо пайдо шуданд. Аз афташ, зиндагӣ маҷбур кард.

- Дуруст гуфтӣ, бобо. Дар ватани мо ҳоло қариб, ки ҷойи кор нест. Мардуми бечора маҷбур аст, барои рӯзгузаронӣ ватани шумо биёяд.

Аз афташ мӯйсафед гап заданро дӯст медошт. Аз ҳар боб, хусусан вазъи имрӯзаи Тоҷикистон хеле пурсон шуд, мӯйсафед. Сипас сабаби ин ҷо омаданашонро. Мустақим батафсил нақл кард.

- Ҳа-а, кори хуб нашуд, - ришашро молиш дода гуфт мӯйсафед. – Акнун чи кор мекунед?

- Маскав рафтанамон лозим. Он ҷо холабачаам аст. Аз вай роҳпулӣ гирифта Челябинск назди додаронам меравем.

- Каме дар ҷоҳои мо монед-чӣ? Охир, ба ҳар ҳол шумо ҳамшаҳриҳоям-ку?

- Барои таклифатон ташаккур. Лекин мо имкон надорем.

- Шояд мақсадамро дуруст баён накарда истодаам. Ман бароятон чанд рӯза кор ёфта метавонам. Роҳпулиатонро меёфтед.

Ба суханони охирини мӯйсафед Мустақим бештар мароқ зоҳир кард.

- Дар шаҳр хонаи сеҳуҷрагӣ дорам, - боз ба нақл даромад мӯйсафед. – Он ҷо писарам бо ҳамсараш ва ду набераам истиқомат доранд. Берун аз шаҳр соҳиби як бӯстонсароям. Ману кампирам он ҷоем. Бӯстонсарои барҳавост. Ҳуҷраҳои зиёд дорад. Каме таъмирталаб шудааст. Агар аз уҳдаи корҳои сохтмонӣ бароед, таъмир мекардед. Ба ин восита ҳавои мулки моро каме нафас кашида, роҳпулӣ меёфтед.

Аз чунин таклиф Мустақим шод гашт. Агар роҳкиро бо меҳнати худ ёфт шавад, боз беҳтар.

- Аслан ман тракторчӣ, - гуфт ӯ. – Баъди ҷанг бошад, корам асосан тарафҳои шумо омадану рафтан. Чи кор, ки пеш ояд, иҷро мекунем.

- Бисёр хуб. Вазифаи шумо асосан рангубору андова кардан. Боз коғазҳои девори як – ду ҳуҷраро иваз мекунед.

- Мо ба хизмат тайёр.

- Ин тавр бошад, меравем ба манзили ман. Шуморо бо кампирам шинос мекунам. Вай ҳам дар ватани шумо ҳамроҳам буд. Нонҳои қандини хеле бомазза мепазад. Агар хӯред, маззаашро хеле вақт фаромӯш намекунед. Дарвоқеъ, номи ман Пётр Антонович.

- Ман Мустақим, ин ҷиянам Саидаброр.

* * *

- Кампир, меҳмононро қабул намо! – аз дари оҳанин вориди бӯстонсаро гашта нидо кард Пётр Антонович.

Ба пешайвони ойинакорӣ кампири фарбеҳи кулӯла нияти даромадан дошт. Суханони мӯйсафедро шунида рост истод. Чун назди пешайвон расиданд, Пётр Антонович боз ба сухан даромад.

- Ана, ин кампири ман Дуся. Медонӣ инҳо аз куҷоянд? Аз Тоҷикистон.

Дар чеҳраи кампир табассум дамид ва салом дод. Шом фаро мерасид. Кампири Дуся меҳмононро назди миз, барои таомхӯрӣ даъват намуд. Суфра густурда, карамшурбо кашида овард. Инчунин ҳар гуна газаку хӯрданиҳо. Пётр Антонович бошад, аз даруни ҷевони пури зарф як шиша шароб ва се адад сӯроҳиро гирифта, рӯйи миз ниҳод.

- Ху-уш ҳамшаҳриҳои азиз, бо пою қадами шумо якҷоя садтагӣ мебардорем.

Мустақим даст рӯйи сина ниҳод.

- Барои меҳмоннавозиатон ташаккури зиёд, Пётр Антонович. Лекин аз ин корҳо пиёдаем.

- Ман ҳам он қадар арақхӯр нестам. Лекин ба хотири шумо. Яктагӣ бардоред, шуд. Ба фикрам ҳеҷ бадӣ надорад.

- Охир мо одами намозхонем.

- Э-э, сад грамм пеши намозхониро намегирад-ку?

Мустақим табассум кард, аммо намедонист мӯйсафеди хираро чӣ тавр фаҳмонад. Кампири Дуся кӯмакаш намуд.

- Ба бачаҳо бисёр чаққа нашав. Таомули инҳоро худат ҳам хуб медонӣ, гапашон як. Пётр Антонович тан дод. Худаш танҳо қадаҳро бардошт.

- Хайр ба саломатии сари шумо, меҳмонон, - гӯён сипас қадаҳи холиро рӯйи миз ниҳод. Ва

бодиринги намакзадаро хоидан гирифт. – Гуфтам-ку, ман ҳам он қадар наменӯшам. Ҳамин яктояш бас.

Баъди таом паси миз суҳбаткунон чанд муддат ҷаҳоннамо тамошо карданд. Кампири Дуся ҳуҷраи алоҳидаро барои хоби меҳмонон нишон дод. Мустақим аз соҳибхона хоҳиш намуд барояш зарфи обгирӣ биёрад.

- Аз афташ акнун намоз мехонед? – рамузгирона гуфт кампири Дуся.

- Бале, намоз хонданамон лозим.

- Ман ба эътиқоди шумо мардуми мусулмон қоил. Доим мекӯшед талаботи динатонро ба ҷо оред. Дар мо, насрониҳо ин тавр нест. Ҳама корҳоямон сарсарӣ.

- Агар талаботи ойин пурра иҷро нагардад, пас он чӣ гуна эътиқод шуда метавонад?

- Дуруст. Ин нуктаро шумо, мусулмонон хуб дарк кардаед.

Мустақим об гирифта таҳорат намуд. Ин амалро Саидаброр ҳам иҷро кард. Вай рӯйи ҷонамоз, паҳлӯи Мустақим дар саф истод.

- Рости гап, бовар надоштам, ки ту ҳам намоз мехонӣ, - пас аз адои намоз гуфт Мустақим. – Офарин!

- Дар хонаи мо ҳама намозхонанд, - посух дод Саидаброр.

- Раҳмат бар падарат, ки фарзандонро ба Ислом раҳнамоӣ кардааст.

Мустақим мехост дар кори сохтмон ҳаял накунад. Субҳи дигар аз соҳибхона, яъне Пётр Антонович хоҳиш кард, масолеҳи лозимаро муҳайё созад. Соҳибхона аз пайи дарёфти фармудаҳои устоҳояш гардид. То нимрӯзӣ ҳама масолеҳро расонда овард.

Дарҳол ба таъмир пардохтанд.

- Аз афташ ба кори сохтмон шинос нестӣ? – пеш аз оғози кор пурсид Мустақим аз Саидаброр.

- Аз куҷо? Охир мактабро ҳамин сол тамом кардам-ку?

- Ҳеҷ гап не. Шавқ бошад, ёд мегирӣ. Ин корҳоро ман ҳам дар ин ҷо омӯхтам. Ба корҳои иҷро кардаи ман дуруст диққат деҳ. Баъд худат

мустақилона баъзе корҳоро анҷом медиҳӣ. Ҳамин тавр, дастат рост шуда мемонад.

Кор бошад он қадар бисёр набуд. Лек Мустақим кӯшиш дошт онро босифат анҷом диҳад. Ҳамроҳи устоҳои касбӣ дар бунёди чандин биноҳои маъмурию истиқоматӣ ва бӯстонсароҳо заҳмат кашид, Мустақим. Як чизро хуб дарк намуд. Мардуми рус ба сифати кор диққати ҷиддӣ медод.

Борҳо шоҳиди он шуда буд, ки баъди анҷоми андова корфармоҳо тахта дар даст танаи деворро месанҷиданд. Мабодо андова ноҳамвор бошад. Талаб мекарданд, кор дубора анҷом дода шавад. Ё аз кор пеш мекарданд. Дар чунин ҳолат дар бораи музди меҳнат ҳоҷати гап ҳам набуд.

Пётр Антонович кори устоҳояшро ҳар рӯз назора мекард. Маълум, ки аз корашон қаноат-манд аст. Муддати ҳашт рӯз тамоми корҳоро ба сомон расонданд. Баъзе ҳуҷраҳоро бо усули за-монавӣ аз ҳунари дар сохтмонҳои гуногун омӯхтааш таъмир кард. Ороиш дод. Корашон ба Пётр Антонович ва кампири Дуся хеле писанд омад.

- Офарин, ҳамшаҳриҳо. Устои хуб будаед, - баъди анҷоми кор мамнунона гуфт Пётр Антоно-вич. – Агар ба устоҳои худӣ месупурдам, эҳ-ҳе корро бало мезад. Дар ду моҳ ҳам тамом наме-карданд. Як рӯз ҳушёр бошанд, рӯзи дигар масту аласт. Хайрият, шуморо вохӯрдам.

Мустақим ба пули калон умед надошт. Ҳақи меҳнаташон барои роҳпулӣ то Челябинск кифоя мекард, худро дар осмони ҳафтум ҳис мекард. Пётр Антонович сахигӣ нишон дод. Сифати кор, ки писандаш афтод, пулро дареғ надошт. Пулҳоро Мустақим ҳисоб кард. Натанҳо ба Челябинск мерасиданд, балки зиёдатӣ мекард. Бо Саидаброр маслиҳат намуд.

- Чашм нарасад хеле пул кор кардем, ҷиян. Метавонем барои хона сад долларӣ фиристем. Волидонро ҳам ёд кардӣ, аз афташ? Пагоҳ почта рафта пулҳоро мефиристему баъд телефон мекунем. Чӣ гуфтӣ, ҷиян?

- Ихтиёрат, - бо лабони пуртабассум гуфт Саидаброр.

Аз ваҷоҳаташ Мустақим пай бурд, ки пазмони хона шудааст.

Субҳи дигар пас аз субҳона Мустақим матлабашро ба Пётр Антонович баён намуд.

- Медонед-чи, Пётр Антонович дар кадом шаҳри Расия, ки набошад, ҳамин ки милисаҳо мардуми моро бинанд, ба онҳо Худо медиҳад. Кисаҳоямонро холӣ мекунанд. Хуб мебуд, агар шумо бо мо мерафтед. Инчунин вокзали роҳи оҳан рафта билет мегирифтем.

- Чаро намерафтам? Ҳатман меравем. Сардори милисаи шаҳр ошнои худам. Канӣ, ягон милиса ба шумо сар ба сар шавад, очаи зорашро нишон медиҳам.

Дар бинои почта Саидаброрро ҳолати аҷибе фаро гирифт. Аввал Мустақим бо аҳли байти хеш телефонӣ гуфтугӯ кард. Пас рақами телефони хонаи онҳоро гирифт. Чун аз он тараф гӯшакро бардоштанд, Саидаброрро бо имо наздаш, ба ҳуҷрачаи гуфтугӯйӣ хонд. Вай гӯшакро ба даст гирифт. Овози модарро шунид. Базӯр «алло» гуфта тавонисту халос. Ҳарчанд модар овози ӯро шинохт ва хоҳиш дошт гап занад, ҳарфе гуфта натавонист. Гиря гулӯгираш карду дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Ин ҳолро Мустақим дида табассум кард. Гӯшакро аз дасташ боз гирифт. Ва ҳолу аҳвол пурсон шуд.

- Чаро Саидаброр гап намезанад? – мушав-вашхотир суол кард модар.

- Янга, ташвиш накашед, - хандида посух дод Мустақим. – Шуморо ёд кардааст. Овозатонро шуниду гапро гум кард.

- Писарам мабодо касал нашуда бошад? – ҳамоно хавотир дошт модар.

Мустақим боз хандид дар гӯшак.

- Не-е, ана гӯшакро боз ба дасташ медиҳам.

Мустақим аз нав гӯшакро ба Саидаброр дароз кард. Ва кӯшид ӯро шердил намояд.

- Худатро ба даст гир, ҷиян. Бо очаат гап зан, аллакай хавотир шуда истодааст.

Гӯшак дар даст чанд лаҳза ҳарфе зада натавонист. Ниҳоят ғурунгид:

- Оча, ин маюм, Саидаброр.

- Очат садқат, эй бача. Чӣ гап намезанӣ? Тарсондим. Касал шудай-чӣ?

Саидаброр боз хомӯш монд. Мустақим даруни ҳуҷра паҳлӯяш гуфтугӯи ҳардуро баръало мешунид. Бо имою ишора ӯро шердил дошт. Ба сухан гуфтан маҷбур мекард.

- Не, сиҳатум оча. Атам дар куҷоҳай?

- Атат нест бачам. Аз қафои корош рафтагияй.

Модар писарро пурсон мешуд. Аммо ӯ базӯр ҷавоб медод. Аз нав гӯшакро Мустақим гирифт. Ва модарро дилпур намуд, ки аз ваҷҳи писараш хавотир нашавад. Дар охир фаҳмонд, ки қадре пулдор шудаанд. Ба онҳо пул мефиристанд. Мо-

дар ташаккур гуфт. Шукрона дошт, ки писараш пулёб шудааст.

Пётр Антонович беруни почта онҳоро интизорӣ дошт.

- Хуш, гапзанон кардед? – пас аз берун шуданашон пурсид ӯ. – Чӣ гап дар ватан? Ҳама тинҷӣ?

- Шукр тинҷӣ, Пётр Антонович. Акнун вокзал рафтан лозим.

Мӯйсафед розӣ шуд. Ҳар се ба роҳ даромаданд. Фосилаеро тай намудан пас мӯйсафед бозистод ва гуфт:

- Медонед-чӣ, ҳамшаҳриҳо, хубаш ҳамин ҷо монед. Шумо устои хуб будаед. Бароятон кор меёбам. Ин ҷо бӯстонсароҳои таъмирталаб зиёд.

Соҳибони бисёраш шиноси худам. Гапзанон мекунам, таъмир карда мегардед.

Аз он ки дар ибтидо корашон омад накард, дили Мустақим сард шуда буд. Ҳавсалаи ин ҷо истодан надошт. Ҳарчанд ки бо дастгирии Пётр Антонович аз бими полис осуда гаштан мумкин. Масъалаи рафтанро бошад, бо додараш аллакай гапзанон карда буд. Вай хоҳиш дошт, ҳар чи тезтар наздаш биёянд.

- Барои ғамхориҳоятон ташаккур, Пётр Антонович, - гуфт Мустақим. – Лекин ман маслиҳат кардам. Рафтанамон лозим.

Пётр Антонович онҳоро гусел намуд. Рақами телефонашро навишта дод. Хоҳиш

намуд, албатта, занг зада истанд, хабаргирӣ биёянд.

- Пётр Антонович, ман ҳар сол Расия меоям, - ҳини видоъ гуфт Мустақим. – Соли оянда насиб бошад, ҳатман тарафи шумо сафар хоҳем кард. Ошноямро дар завод пайдо накунем, пас он вақт таклифи шуморо қабул мекунем.

- Биёед, албатта, биёед. Интизор мешавам. Занг зада истед.

Ҳар ду бо мӯйсафед оғӯшкашон хайрухуш карданд. Сипас ба қатора нишаста озими Маскав шуданд.

## БОБИ II

Мустақим худро маломат дошт. Аз он ки назди Ҷамолиддин омаданд. Меандешид, ки шояд бо пою қадамашон ба сари тоҷикбачаҳои бинокор бало расид. Дар симои полисҳо. Бисёриҳо зарбу лати сахт хӯрданд. Ҷароҳат бардоштанд.

Ҷамолиддин ҳам худро дар дил маломат мекард. Бори нахуст холабачааш меҳмони ӯ шуд. Маҳз дар чунин маврид полисҳо ба сарашон рехтанд. Аз ин рӯ худро ноҳинҷор ҳис мекард, назди меҳмонон.

- Ҳар чи шуд, ба дил нагиред, - ниҳоят гуфт ӯ. – Ҳеҷ гумон набуд, ки фалокатҳои дупо ба сарамон меоянд.

- Охир мо дар ватани худамон нестем-ку, холабача, - ҷавобаш дод Мустақим. – Ин рӯзҳоро дар ғарибиҳо ҳамаамон аз сар бисёр гузарондаем. Хеле кам тоҷик ёфт мешавад, ки шаттаи милисаҳои русро нахӯрда бошад.

Ҷамолиддин чизе нагуфт. Танҳо сар ҷунбонд. Мустақим нийят дошт чанд рӯз меҳмони холабачааш шаванд. Вале ҳодисаи рухдода ӯро аз ин нийят боздошт. Пагоҳӣ пас аз субҳона хӯрдан тараддуди сафар намуданд. Ҷамолиддин онҳоро боздошт.

- Сабр кун, имрӯз истироҳат бошад ҳам сардорамон ҳатман меояд. Хубаш шумо вокзал наравед. Паспортҳоятонро ба ӯ месупорем, билет гирифта меорад. Баъд худаш бурда савор мекунад.

Қариби нимрӯзӣ сарвари бинокорон марди руси миёнсол омад. Ҷамоллиддин воқеъаи шаб рӯйдодаро ба ӯ нақл кард.

- Бадбахтӣ дар он аст, ки ба ҳеҷ куҷо шикоят бурда намешавад, - таассуфхӯрон гуфт вай. – Шикоят кунӣ, дар бало мемонӣ. Омада аз таги нохун чирк мекобанд, милисаҳои мо.

- Ин ҷо як холабачаам бо рафиқаш меҳмон аст, - ба сардор фаҳмонд Ҷамолиддин. – Челя-

бинск равонанд. Билеташон гирифта меовардед, кори савоб мешуд.

- Ин корро кардан мумкин.

- Боз як хоҳиш ва илтимоси дигар. Онҳо қайди зист надоранд. Дар кӯча ё вокзал онҳоро милисаҳо вохӯранд, ҳатман гаранг мекунанд. Бурда савор кардан ҳам ба зиммаи шумо.

- Майлаш, - хандид марди рус. – Инаш ҳам ба зиммаи ман.

Бо изҳори ташаккур Ҷамолиддин дастони ӯро сахт фишурд.

* * *

Маҳали зисти додарони Мустақим назди корхонаи азими элетромагнитӣ воқеъ буд. Дар

манзили сеҳуҷрадори як зани тотор. Ӯро «холаи Вера» ном мегирифтанд. Шавҳар надошт. Ҳамроҳи духтар ва набераaш мезист. Домодаш дар маҳбас мехобид. Ҳуҷраи начандон калон дар ихтиёри онҳо буд. Як ҳуҷраи дигар ҷойи хоби соҳибхонаҳо. Ҳуҷраи нисбатан калон меҳмонхона ҳисоб меёфт. Хуб ҷиҳозонида шуда буд. Суфаи истироҳат, ҷаҳоннамо ва дигар таҷҳизоти ҷопонӣ дошт, меҳмонхона.

Ҳангоми ба Челябинск омадани Мустақим ва Саидаброр додари калонияш ба Сибир, дақиқтараш Сургут сафар карда буд. Ҳоло додари хурдияш ҳамроҳи як ҳамдеҳаашон дар бозор ҷунбуҷул доштанд.

Даруни ҳуҷра, аз қабати шашуми бинои нуҳошёна Саидаброр берунро тамошо дошт. Рӯз поён меёфт. Пеши назар асосан корхонаи азим метофт. Дар масоҳати хеле калон доман паҳн карда буд, корхона. Аз болои боми як бинои корхона пайваста ба ҳаво буғ мебаромад. Зери шуоъи офтоби майл ба ғуруб дошта, аҷиб менамуд. Аз дудбарои хеле баланд ва бо хишти пухта моҳирона чидашуда, беист гази сӯхта мебаромад. Дар канори рости корхона шаш – ҳафт бинои панҷқабатаи истиқоматӣ қомат афрохта буд. Саидаброр ҳис кард, ки биноҳо холиянд. Ҳарчанд маълум, ки нав сохта шудаанд.

Офтоб ғуруб намуда, торикӣ фаро мерасид. Ин дам чорраҳаи паҳлуи бинои истиқоматиро

трамвай убур намуда дар истгоҳ бозистод. Ҳини чорраҳаро гузаштан аз симҳо як даста барқ болои трамвай рехт. Аз афташ ин ҳолати муқаррарӣ буд. Ронанда ва мусофирон инро ҳис карда бошанд ҳам, парво надоштанд. Дар истгоҳ мусофирон поин шуданд. Трамвай то истгоҳи охирин, ҷониби корхонаи азим роҳашро идома дод. Ба корхона ва ҳаракати трамвай Саидаброр бошавқ назора дошт. Бори аввал трамвайро дар ин шаҳри калони саноатӣ медид. Трамвай ба истгоҳи охирин расида, каме таваққуф кард. Сипас ба ҳаракат даромада ҷониби самти муқобил равон гардид.

Дар манзили истиқоматӣ додари Мустақим, ки Азим ном дошт, дар пайи пухтупаз буд. Вай ош

мепухт. Соҳибхона, холаи Вера ба вай кумак дошт. Ба аёдати меҳмонони аз ватан омада, мебоист чанд нафар тоҷикбачаҳои дигар низ меомаданд.

- Ин бегоҳ омадани бародаратро қайд мекунем, - шӯхиомез гуфт соҳибхона.

- Бале, - кафгир дар даст хушҳолона ҷавоб дод Азим. – Набошад ин ҳама ташвишҳо барои чист?

- Рафта як-ду шиша биёрам, майлаш?

- Эҳ, хола хуб медонӣ, ки бачаҳои мо қариб ягон нафарашон наменӯшад. Ҳамаашон намозхон. Лекин худат, ки нӯшиданро дӯст медорӣ пайт мекобӣ.

Аз суханони Азим холаи Вера базавқ хандид.

- Дуруст, фурсати муносиб. Бародарат инсони хуб аст. Барои саломатияш садта бардорем, меарзад.

- Эҳ, холаи Вера, - Азим табассумкунон сар ҷунбонду дигар чизе нагуфт.

- Лекин ман ба шумо қоил, - ҷиддӣ гуфт холаи Вера. – Имонатон сахт, кори беҷо намекунед.

- Ту ҳам мусулмон – ку, хола? Мисли мо шарту шароитҳои Исломро ба ҷо биёрӣ, ҳеҷ душворие надорад.

Холаи Вера даст афшонд.

- Эҳ додар, танҳо ба ном. Гӯшти хукро хӯрем, намоз нахонем куҷои мо мусулмон?

- Чӣ ягон кас шумоёнро бозмедорад?

- Намедораду лекин ин қадар солҳо зери таъсири бародари калон – русҳо мондем. Ҳама фаромӯш шуд.

- Ҳоло ҳам дер нашудааст. Ҳар рӯзи ҷумъа мусулмонони тотору бошқирд масҷиди калон намозхонӣ мераванд. Занҳои бисёр ҳам. Ҳол он ки ба масҷидҳои мо омадани занҳоро манъ кардаанд. Ин ҷо, марҳамат.

- Майлаш, кӯшиш мекунем камбудиҳоро ислоҳ созем.

- Кӯшидан лозим, холаи Вера.

Ҳуҷраи нисбатан калон меҳмонхона ҳисоб меёфт. Дар миёнҷо ду мизро ба ҳам наздик гузошта суфра густурданд. Бо ҳар гуна хӯрданӣ оро

доданд, онро. Аз ҷумла, меваҷот. Дар сарзамини рус мисли кишварҳои ҷануб меваҷоти гуногун бисёр парвариш намеёбад. Иқлим сард аст. Вале аз кишварҳои гарми ҷануб тамоми навъи мева ба ин ҷо расонда мешавад. Хусусан меваи банан ин ҷо фаровон аст. Кам бошад ҳам зироати полезӣ – харбузаҳои ширину хушбӯи Осиёи марказиро низ метавон дарёфт. Як қисм меваро дар шакли хушк. Аз қабили зардолу, мавизи ангур, гелос ва олуча.

Дар манзили холаи Вера болои суфра меваҷоти дар боло номбаршуда ҳамааш муҳайё буд. Ҳам тар ва ҳам хушк. Ба муносибати ташрифи Мустақим ва Саидаброр. Қариб даҳ нафар

тоҷикбача низ ин бегоҳ гирди суфра ҳузур дo-штанд.

Гирди суфра қатори дигарон ҳамроҳи холаи Вера духтараш Таня ва набераaш Женя ҳузур доштанд. Холаи Вера дар ошхонаи яке аз корхо-наҳои шаҳр ошпазӣ мекард. Духтараш Таня дар корхонаи азими фулузот заҳмат мекашид. Набе-раи чорсолааш бошад, дар боғча тарбия меёфт.

Ин бегоҳ болои суфра шишаи май дида намешуд. Шояд насиҳати Азим ба холаи Вера асар кард. Аз нӯшидан даст кашид. Бори аввал гирди чунин суфраи пурнозу неъмат.

Азим бо ёрии холаи Вера ошро кашид. Оши хеле бомазза. Ҳама бо иштиҳои том онро тано-вул карданд. Сипас то як поси шаб бо ҳам суҳбат

намуданд. Аксари тоҷикбачаҳо дар бозоре бо номи «Хитойбозор» сару либос, пойафзол ва дигар молҳои истеҳсоли чиниро савдо мекарданд. Бар хилофашон додарони Мустақим корашон фурӯши сабзавот. Мустақим бошад, худаш танҳо дар бозори назди корхонаи тракторсозӣ меваи хушк ва донаки зардолу савдо мекард.

- Акаи Мустақим боз ҳамон бозори ЧТЗ меравӣ? – пурсид ҷавоне бо номи Саидбурҳон.

Зоҳиран ӯ ба ҳунарпешаи синамои Амрико Чак Норрис хеле шабоҳат дошт. Ҳамроҳонаш бисёр вақт ӯро маҳз бо ин ном овоз медоданд. Мардуми таҳҷо бошад, аз казакҳои Урал мепиндоштанд.

- Хайр, дигар куҷо равам? – посух дод Мустақим. – Ба донафурӯшӣ одат кардаам.

- Кори худат беҳтар. Ташвишаш кам. Мо бошем Бишкек рафта мол кашонда меорем. Бо чӣ қадар азобҳо. Гоҳ вақт таможниҳо борамонро пурра дошта мегиранд. Бар ивазаш пули калон талаб мекунанд. Аз фоидаи борамон ҳам зиёд. Ноилоҷ  аз баҳраш мегузарем. Хулоса ба ҷойи фоида, зарар.

- Чи илоҷ, додар. Рӯзамон ҳамин будааст. Дар мулки худ ҳол надорем. Пас дар ин ҷо аз куҷо рӯзи хуш медиҳанд?

* * *

Мустақим як рӯз пас Саидаброрро бо худ гирифта бозори марказӣ омад. Бозори марказӣ болопӯшида, замонавӣ ҳисоб меёфт. Дар ин бозор тоҷикони зиёд машғули савдо буданд. Асосан аз қисмати шимоли Тоҷикистон.

- Эҳ-ҳе, акои Мустақим ана боз омад! – нидо кард нафаре аз онҳо.

Сипас аз паси раф ба роҳрав баромад. Бародарвор оғӯш кашида бо Мустақим вохӯрӣ намуд.

- Хайр, канӣ гап занед, дар ватан чӣ гапҳои нав? – Мустақимро аз бағал сар надода пурсид ӯ.

- Шукр тинҷӣ. Лекин худат аз афташ нийяти хона рафтан надорӣ – чи, Ҷӯрабой?

- Худам намераваму лекин пулҳо рафта истодаанд, - хандида ҷавоб дод Ҷӯрабой. – Хонаро доим кӯмак мекунем.

- Ин корат хуб додар. Лекин баъзеҳо ин ҷо ки омаданд, мулки худ, аҳли байтро тамоман фаромӯш мекунанд.

- Мо аз ин хелаш не, ако. Моҳи дигар додарам гашта меояд. Насиб бошад, баъд хона меравам.

Ҷӯрабой, ки Саидаброрро бори аввал медид, суоломез ба чеҳрааш нигарист.

- Ин ҷиянам, номаш Саидаброр, - ӯро муаррифӣ кард Мустақим.

Ҷӯрабой дасти Саидаброрро гирифта самимона фишурд.

- Дақиқтараш ёрдамчӣ гӯед?

- Дуруст. Акнун дукаса кор мекунем.

- Дар ҳамон ҷойи пешина, бозори ЧТЗ?

- Ҷойи ман ҳамон ҷо.

- Дукаса коратон хеле осон мешавад.

- Албатта. Худат ҳоламро дида будӣ-ку? То аз ин ҷо ҳар саҳар бор гирифта мебурдам, ки вақти зиёд беҳуда мегузашт.

- Аз кай нийяти бозор баромадан доред?

- Насиб бошад аз пагоҳ. Ҳозир бозор мера-вем. Ягон ҷойи савдо пайдо кунем, саҳар омада аз худат бор гирифта мебарем.

Ҷӯрабой даст болои сина гузошт.

- Марҳамат, кадом вақте ки хоҳед, мисли пештара насия бурдан гиред.

Мустақим ва Саидаброр бо Ҷӯрабой ва чанд нафар тоҷики дигар даст дода, хайрухуш намуданд.

- Акай Мустақим акнун куҷо меравем? – дар берун аз Мустақим  пурсид Саидаброр.

- Бозори ЧТЗ.

- ЧТЗ?

- Ин номи завод аст. Заводи тракторсозӣ. Ягон ҷо барои худамон мекобем. Баъд насиб бошад, аз пагоҳ ба савдо мебароем.

- Дар ин ҷо точкаёбӣ осон аст?

- Бозори ЧТЗ асосан майдончаи асфалтпӯш асту халос. Ҷояш бисёр. Ҳеҷ пул намедиҳӣ. Фақат пули чеки ҳаррӯзаро мечинанду халос. Баъд ҳақи рэкет.

- Рэкеташ чӣ?

- Муштзӯрон.

Саидаброр ба маънои суханони Мустақим дуруст сарфаҳм нарафт. Суоломез ба ӯ нигарист.

- Ёдат бошад, назди истгоҳи бозори «Сахо-ват» таксичиҳо бо овози баланд мусофир меко-банд. То ки ба ноҳияҳои водии Вахш гирифта ба-ранд. Ҳамин ки ронанда мусофир гирифта нияти сафар кунад, пеши дари мошинаш як нафар пай-до мешавад. «Чекпулӣ» гӯён, аз ронанда ҳақ мегирад. Ба ин кор диққат додай?

- Ҳова. Чанд бор.

- Пули ғуншуда куҷо мешавад, медонӣ?

- Не.

- Ба кисаи рэкетҳо, яъне муштзӯрон медарояд. Ба давлат бошад, як тини пучак ҳам фоида нест. ин ҷо бошад, таъсири рэкет боз ҳам калон. Ҳар як қисми шаҳрро зери назорат гирифтаанд. Аз бозору дӯконҳо, хулоса ҷое, ки даромад ҳаст, пул меситонанд.

* * *

Чанд муддат дар бозор буд Саидаброр. Ҳис мекард, ки дар ин ҷойҳо нисбати Тоҷикистон пул ёфтан осонтар. Қудрати харидкунии мардум зиёд буд. Зеро нисбати мардуми тоҷик чанд маротиба боло зиндагии осудаҳолона дорад, сокинони Русия. Ашхоси зиёд дар бозор фаъолияти тиҷоратӣ

дошт. Бештар маводи хӯрданӣ савдо мекарданд. Мардуми таҳҷои асосии ин ҷо, тотору бошқирдҳо аз деҳоти атрофи шаҳр дастранҷи хеш, картошкаро мефурӯхтанд. Тоҷикон низ машғули савдои картошка буданд. Ба истиснои Мустақим ва ду-се нафари дигар, ки меваи хушк савдо мекарданд.

Чанд рӯз ҳар ду якҷоя бозор меомаданд. Чун Саидаброр кори бозорро хуб ёд гирифт, акнун худаш танҳо меомад. Борҳоро аз дӯконе, ки ҳар бегоҳ ба он ҷо месупурданд, берун меовард. Ва ба савдо мепардохт. Ҳанӯз офтоб набаромада коргарони зиёд озими корхона мегашт. Аз пеши бозор убуркунон ҳар гуна хӯрданӣ дастрас мекарданд.

Мустақим бошад ҳар пагоҳ бозори марказӣ мерафт. Аз тоҷикони шиноси суғдияш меваҷоти хушк дастрас карда меовард. Чун Саидаброрро бо худ овард, ҷойи савдоро васеъ, анвои моли фурӯшро афзун намуд. То Мустақим бор меовард, Саидаброр моли аз бегоҳ мондаро ба савдо мезад. Дукаса корашон хеле пешрав буд. Саидаброр ҳис мекард, ки тоҷик дар ин мулки бегона ҳеҷ қадру манзалате надорад. Асосан тоҷикҷавонон буданд, дар ин бозор. Лек бо ҳам он қадар муносибати хуш надоштанд. Муддати як моҳ ин ҷо будан Саидаброр борҳо шоҳиди он шуд, ки бо ҳам дар муноқиша ва даст ба гиребон шаванд. Пеши назари мардуми бегона.

Амалҳое содир мекарданд, ки боиси шумрӯйияшон мегашт. Картошкафурӯшии тоҷикон ба воситаи сатилҳо сурат мегирифт. Сатилҳоро пур карда, нарх мегузоштанд. Нарх, ки ба харидор писанд меафтод, ба савдо мезаданд. Картошкаро тарзе мегузоштанд, ки мобайни сатил холӣ мемонд. Чун харидор аз ин найрангҳо огаҳӣ меёфт, фиғонаш ба осмон мехест. Картошкаро ба сарашон мезад ва пулашро талаб мекард. Ин гуна амалҳо ғазаби мардумро меовард. Ва рӯйирост талаб мекарданд, ки эшон аз мулкашон дафъ шаванд.

Чунин амалҳои номатлубро Саидаброр ҳини мактабхонӣ дар диёри хеш бисёр ҳис карда буд. Ду-се сол пас аз ҷанги шаҳрвандӣ пойтахт пур аз

деҳотиён гардид. Касе, ки имкони Русия рафтан надошт ин ҷо ҳар гуна корҳоро ба ҷо меовард. Хусусан савдогариро, барои рӯзгузаронӣ. Бештар ҷавонон.

Он солҳо танҳо бозори меваю сабзавоти «Саховат» бештар фаъолият дошту аз бозорҳои имрӯз паҳлӯи он қоматафрохтаи «Панҷшер»-у «Ганҷина» нишоне набуд. Қад-қади роҳи пиёда-гард аз чорраҳаи маҳали чилушашум то назди бозори «Саховат» савдо авҷ мегирифт. Ҳама чизро мефурӯхтанд.

Ҷавонони бешумор халтаҳои шакар дар пеш машғули савдо буданд. Вазифаи ченаки вазнро зарфҳои шишаи холии мураббо ба ҷо меовард. Фурӯшандаҳо як миқдор шакарро тар карда, ба

зарфҳои шишагин мерехтанд. Баъди хушкидан шакар ба таги зарф мечаспид. Зарфро пур аз шакар намуда «як кило», гӯён мефурӯхтанд. Мардуми зубдовару содафеъли тоҷик аз фиребу найранги тоҷирони навбаромад ботинан норизо бошад ҳам, мӯҳри хомӯшӣ ба лаб мезад. Ва мехарид. Аҳён норозигии рӯйирост баён мегашт. Ин ҳам бошад, аз ҷониби харидорони русзабон.

Гӯё аз савдогарони дар ватан буда, «дасти пир» гирифта бошанд, ин ҷо, дар мулки бегона низ даст ба фиребу найранг мезаданд. Ва Саидаброр шоҳиди ҳол буд. Ба чунин амал, ҳатто дусе нафари паҳлуи Саидаброр, савдогарони меваи хушк ҳам, роҳ медоданд.

Мавиз ва дигар меваи хушкро дар халтачаҳо як килогӣ андохта, мефурӯхтанд. Боре як зан аз ҳампаҳлуяш як халтача мавизи зардро харида, лаҳзае пас овард. Мувофиқи гуфтаи зан дусад грамм кам будааст мавиз. Мавизро гузошта пулашро талаб кард. Гӯё ҳеҷ воқеае рух надода бошад, ҷавони тоҷик халтачаи мавизро рӯйи раф ниҳоду пулашро гардонда дод. Ин дафъаи аввал набуд, ки мизоҷон харидаашонро қафо меоварданд.

Мушоҳидаҳои дар ватан, ин ҷо дар мулки бегона гузарондаашро Саидаброр ба Мустақим ҳикоят кард ва сабаб пурсон шуд. Вай чин дар пешонӣ лаҳзае ба як нуқта дида дӯхт. Хомӯш истод ва ниҳоят ба сухан даромад:

- Чӣ гуфтанамро намедонам, ҷиян. Лекин ин гуна корҳо аз хислати хуб нест. Шояд ҳамин хислатҳо буд, ки аз ватан беватан гаштем.

* * *

Нозири минтақавии бозорчаи назди корхонаи тракторбарорӣ капитан Игор Федорчук бо Мустақим ошноӣ дошт. Умуман бо тоҷикони дар бозорча машғули тиҷорат муносибаташ бад набуд. Назорат мебурд, ки эшон бе қайди зисти муваққатӣ дар бозорча ва шаҳр гаштугузор накунанд. Тартиботи ҷориро риоя намоянд. Албатта, барои чунин муносибати нек тоҷикбачаҳо ба ӯ подош медоданд.

Чун дар бозор Саидаброрро паҳлуи Мустақим дид, ҳуҷҷатҳояшро аз назар гузаронд. Ба дафтарчаи махсус ному насабашро навишта гирифт. Мустақим ба нозир Саидаброрро «ҷиян» гӯён муаррифӣ намуд. Ҳафтае се - чор маротиба капитан Федорчук бозор омада, аз вазъи он воқиф мегашт.

- Ҳар дафъа участкавой ягон чиз гирифт, пулашро нагир, - мефаҳмонд Мустақим ба Саидаброр. – Агар ҳақашро тияд, ин аз мо туҳфа гӯй. Ин ҷо мулки бегона, ҷиян. Бо ҳама забон ёфтан лозим. Набошад ҳоламон табоҳ мешавад. Лекин рафту агар ОМОН- ҳо омада монанду ман набошам, болои борҳоро пӯшону даруни дӯкони боргузориамон даро. Пеши кампири Валя. Вай

туро аз чашми онҳо паноҳ медорад. Вохӯриро бо ОМОН бошад Саидаброр хуб дар ёд дошт, дар Маскав. Ва онро аз хотир баровардан, багумон аст.

- Акай Мустақим, чӣ онҳо ҳам ба бозор меоянд? – изтироболуд пурсид Мустақим.

- Меоянд, албатта, меоянд.

- Охир ин ҷо ҳар хел мардум бисёр, киро меқапанд?

- Ману туро.

- Вах! Аз байни ҳамин қадар одам фақат тоҷик мекобанд?

- Дуруст фаҳмидӣ, ҷиян. Фақат тоҷиконро.

Саидаброр гаранг шуда монд. Чӣ гуфташашро надонист. Ниҳоят пурсид:

- Омаданашонро аз куҷо мефаҳмем, акай Мустақим?

- Сабр кун ҷиян, мефаҳмӣ. Ҳамаашро мефаҳмӣ.

- Участкавой чӣ? Пеши роҳашона гирифта наметавонад?

- Наметавонад.

- Чиба?

Мустақим оҳи сард кашид.

- Гӯш кун ҷиян, ту ба ғарибиҳо акнун по гузоштӣ. Рӯзи сахти ғарибу қонунҳои нонавиштаро дар мулки бегона тамоман намедонӣ. Ҳамаашро оҳиста-оҳиста фаҳмида мегирӣ.

Ва Саидаброр сабр дошт. Интизорӣ бисёр тӯл накашид. Ҳафтае пас, ҳини авҷи савдо

полисҳо ба бозор ташриф овარданд. Саидаброр аз ҳамроҳонаш фаҳмид, ки онҳо ОМОН набудаанд. Балки намояндагони шуъбаи корҳои дохилии яке аз навоҳии шаҳр. Моҳе як маротиба дар бозор тафтиш мегузаронданд. Чун нозирони андоз. Ҳуҷҷатҳои тоҷирон ва рафти савдоро месанҷиданд.

- Онҳо ба мо кордор намешаванд? – пурсид Саидаброр аз ҳампаҳлуяш, ки Нозим ном дошт.

Зоҳиран ӯ ҳамсину соли Мустақим менамуд.

- Дар пӯстамон каҳ ҷо мекунанд, - хандида посух дод вай. – Ягон нафарамон патент надорем. Ҳамаи борамонро гирифта мебаранд.

Саидаброр ба изтироб афтод. Аз набудани Мустақим. Вай бошад сариштаи корро меёфт.

Ҳис кард, ки касе ба китфаш тап-тап мезанад.уСар бардошта дар паҳлуяш набераи кампири Валя, духтари понздаҳ – шонздаҳсола Нинаро дид. Вай ба дӯкони бибияш ишора дошт.

Нина бо русӣ чанд сухан гуфт. Саидаброр қариб чизе нафаҳмид. Суоломез ба ҳампаҳлуяш Нозим нигоҳ кард.

- Рав, ҷонат халос шуд, - овоз дод Нозим.

Набераи Валя наздашон тез-тез меомад. Ӯ бо Мустақим хеле унс гирифта буд.

Мустақим ӯро доим бо донаки зардолу, донакҳои бирёни офтобпараст, каду ва меваҷоти хушк зиёфат мекард. Нина донакҳоро хеле дӯст медошт. Пасон сӯҳбати гарму ҷӯшон мешуд, байнашон. Нина ҳамчунин мехост бо Саидаброр

суҳбат намояд. Вале ӯ кам мефаҳмид аз ҳарфзаниҳои духтар. Танҳо ботамкин сар ҷунбонда табассум менамуд. Нина инро ҳис мекард.

Нина нархи молашонро қариб пурра медонист. Дар набудани Мустақим назди Саидаброр меомад. Ҳини душворӣ кашидани Саидаброр бо баъзе мизоҷон худаш муомила мекард. Чун Мустақим ӯ низ пеши духтар ҳар гуна меваи хушку донак мегузошт. Нина аз дӯкони бибияш дар термос ҷойи гарм меовард. Ҳамдигарро дуруст нафаҳманд ҳам, чой нӯшида савдоро идома медоданд.

Чун милисаҳо аз як гӯшаи бозор ба тафтиш пардохтанд, тоҷикбачаҳо дар як лаҳза ғайб заданд. Ҳампаҳлуҳои Саидаброр рӯйи борро

пӯшонда, картошкафурӯшҳо халтаҳоро пушти дуконҳо кашонданд.

Кампири Валя Саидаброрро паҳлуяш шинонд. Аз лундаи начандон калони ҳасиб пораҳои хурд реза кард. Чой рехта наздаш гузошт ва ба хӯрдан муроот намуд.

- Бепарво шиштан гир, - ба китфи навҷавон тап-тап зада гуфт вай. – Ин ҷо касе ба ту кордор намешавад. Нина бошад савдоятро давом медиҳад.

Вай хеле гап зад. Ҳатто чанд суол ҳам дод, вале ҷавоб нашунид.

- Ту забони моро намефаҳмӣ? – синчакорона ба чеҳраи Саидаброр нигариста бо имою ишора пурсид ӯ.

Саидаброр табассумкунон бо аломати инкор сар ҷунбонд.

- Э, ман гумон доштам, ки медонӣ, - ғурғуркунон гуфт Валя. – Хуб лаққидам. Беҳуда.

Чанде хомӯш истоду пас даст афшонд ва бо чеҳраи кушода гуфт:

- Ҳеҷ гап не, ёд мегирӣ.

Дар бозорча полисҳо машғули тафтиш, ҳуҷҷат тартиб медоданд. Дар бораи вайрон кардани қоидаҳои савдо. Фурӯшандаҳои рус асосан занон буданд. Чанд нафарашон аллакай оби дида мерехт.

- Аз дасти милисаҳову нозирони андоз рӯз надорем, - гап зада, бо имою ишора мефаҳмонд Валя ба Саидаброр. – Дигар айб ёфт нашуд. Ба-

рои дар ҷояш набудани ҳубобчаи тарозу аллакай чанд нафарро ҷарима бастанд. Ҳамаи тарозуҳо мӯҳр доранд-ку? Муҳимаш ақрабаки вазнкашӣ дар ҷояш дуруст истад. Не, бояд камбудӣ ёбанд. Падарқусурҳо!

Ду нафар полис пеши дукони Валя ҳозир шуда, худро муаррифӣ намуданд. Ҳуҷҷат пурсиданд. Валя ҳуҷҷатҳои лозимаро ба онҳо пешниҳод намуд. Аз афташ дар ҳуҷҷатҳо ягон камбудӣ ёфт нагардид. Онҳоро бозпас гардонда ба тарозу дида дӯхтанд. Хеле зеҳн монданд ба он.

- Ҳубобча каме беҷо, - ниҳоят ғурунгид нафарашон.

- Хайр чӣ? – бепарво ҷавоб дод Валя.

- Ҳуҷҷат тартиб дода ҷарима мебандем.

Валя оташин шуд.

- Дигар айб наёфтед? – шӯрид ӯ. – Ақрабаки вазнкашӣ дар ҷояш?

Полисҳо ҷавоб надоданд.

- Ман аз шумо мепурсам. Ақрабак дар ҷояш ё не?

- Хайр, дар ҷояш.

- Дар ҷояш, ки бошад, ана тарозу мӯҳр дорад. Яъне аз тафтиш гузаштагӣ. Равед аз ин ҷо. Ба ягон ҳуҷҷати шумо даст намемонам. Ягон тин ҳам намесупорам.

- Хайр, хола ин қадар ҷанҷол накун, - гуфт нафаре аз онҳо.

Пас даст афшонд ва ҳар ду аз назди дукон дур шуданд.

- Бо инҳо суст биёӣ хунатро мемаканд, - гуфт Валя ва ба Саидаброр айёрона чашмакӣ зад.

Тафтиш хеле тӯл кашид. Ҳине ки полисҳо тафтишро анҷом доданд, рӯз кайҳо аз нисф гузашта буд. Нина сӯйи дӯкони бибияш нигоҳкунон бо имо Саидаброрро наздаш хонд.

- Рав, Нина туро наздаш мехонад, - фаҳмонд Валя. – Милисаҳо рафтанд, акнун тинҷӣ.

Саидаброр назди Нина омад. Вай як қабза пулро наздаш гузошту шодиёна нидо кард:

- Бин, чӣ қадар савдо кардам! Худат метавонистӣ? Не, наметавонистӣ!

Нина беист гап мезад.

- Ягон чиз гӯй, охир. Эҳ, ту забони моро намедонӣ, афсӯс.

Нозим ҳам омаду болои молро кушод.

- Чӣ хел савдо хуб буд-а? – ба Саидаброр рӯ оварда гуфт вай. – Сабил монад, нагузоштанд. Хайр, ту фоида кардӣ. Ба ҷоят Нина хеле савдо кард. Ҳамин тавр не?

Саидаброр ҳис кард, дар суханони Нозим ҳасрату ҳасад бо ҳам омезиш ёфта, садо доданд. Авҷи картошкафурӯшӣ одатан нимрӯзӣ буд. Дар ин вақти анҷоми тафтиш бошад, аксар моли худро мефурӯхтанд. Имрӯз моли ҳама монд. Лек

тоҷикбачаҳои картошкафурӯш дигар идомаи савдоро салоҳ надиданд. Ҳарчанд аз ризқи имрӯза қариб монда бошанд ҳам. Сарҷамъона аз бозор берун шуданд. То рӯзи дигар.

Барои Саидаброр ва Нозим бошад, савдо то бегоҳ идома меёфт. Мустақим ҳам омад. Ба корҳои дигар овор шуда имрӯз дер кард. Ба ҳар ҳол бо худ хеле бори нав овард. Нина воқеъаи имрӯзаро ба вай накл кард. Барои кумак Мустақим ташаккури зиёд гуфт ба духтар.

- Амаки Миша, ба Саша забони моро ёд деҳ, - дар охир гилаомез гуфт духтар. – Ҳар қадар бо ӯ гап мезанам, танҳо табассум мекунаду халос.

- Албатта, ёд медиҳам. Афсӯс, ки бисёр бачаи шармгин аст. Набошад ба пурсишҳоят зӯр

зада ҷавоб диҳад, боз тезтар ёд гирифтанаш мумкин.

Нина хост назди бибияш равад.

- Ин аз мо, - гӯён Мустақим ба дасташ як халтача зардолуи хушк часпонд. – Бар ивази ёриҳоят.

- Ташаккур, - мамнун шуда гуфт духтар.

- Нина аз ту гила дорад, - пас аз рафтани духтар гуфт Мустақим ба Саидаброр.

- Чиба?

- Мегӯяд, ки ту кӯшиши ёд гирифтани забони онҳоро надорӣ.

- Кӯшиш дорам. Лекин фаҳмида наметавонам. Чӣ кор кунам?

- Дилаш ба ту кашол. Барои ҳамин мехоҳад бо вай гап зада истӣ.

Саидаброр дар посух чизе нагуфт. Шармида сар поин афканд.

* * *

Ҳар дафъа пас анҷоми тиҷорат Мустақим пулҳоро мешумурд. Пасон даруни ҷӯроб меандохт. Дар киса бошад як миқдори кам нигоҳ медошт.

- Ака, чиба ин хел мекунӣ? – пурсид боре Саидаброр.

- Ин сабаб дорад, - андешанд ҷавобаш дод вай. – Мулки мардум аст, ин ҷо. Худо накунаду

дар кӯчаҳо ба дасти милисаҳо афтем, кисаамонро такида холӣ мекунанд.

- Ҳилаи хуб доштай, ака, - хандид Саидаброр.

- Ягон ҷойи ҳилааш нест, ҷиян. Фақат эҳтиёт, ними ҳаёт аст.

Ин бегоҳ ҳам Мустақим миқдори асосии пулҳоро даруни ҷӯроб андохт. Ва ҳар ду аз бозор берун шуданд. Ба воситаи трамвай чанд истгоҳ рафта, поин гаштанд.

- Ин ҷо истгоҳи худамон не-ку? – пас аз нақлиёт поин шудан гуфт Саидаброр.

- Як шинос дар ҳамин наздикиҳо истиқомат дорад. Сари қадам наздаш дароем. Онҳо ба кӯчаи дигар гузашта, сӯйи офтобшин роҳ ги-

рифтанд. Офтоби фасли пойиз майли ғуруб дошт.

- Тирамоҳи имсола гарм омад, - роҳравон ба гап даромад Мустақим. – Ба қавли худи русҳо, тобистони занона шуд.

- Тирамоҳи ин ҷоҳо гарм аст? – пурсид Саидаброр.

- Аз куҷо? Порсол ин вақт ҳама ҷо барфпӯш буд. Ту омадию гармии ватанро бо худ овардӣ.

Суҳбаткунон роҳ мепаймуданд, ҳар ду. Кӯча қариб беодам буд. Аз қафо чӣ тавр расида омадани мошини полисҳоро ҳис накарданд. Танҳо сигнали нақлиёт онҳоро водор сохт ба қафо нигаранд. Мошин дар ҷояш истоду дарҳол аз дохилаш се-чор полис берун омад. Ба онҳо расида аз

бозувонашон дошта, пеши бинои истиқоматии наздиктарин оварданд. Рӯ ба девор ҳар дуро рост монда, амр доданд дастҳоро боло бардоранд. Нафаре аз полисҳо бо пойафзоли вазнин пойҳои ҳар дуро ба ду ҷониб ёзонд. Сипас ба кисакобӣ даромад.

- Аҳа, ёфтам! – нидо кард ӯ баъди кофтани кисаҳои Мустақим. – Гера! Ана ба чӣ кор машғулед?!

Вай намоишкорона миёни ангуштони дасташ коғази чорқатшудаи хурдеро дошта буд. Мустақим хост рӯяшро гардонда эътироз намояд. Вале полис имкон надод. Бо пушти оринҷ ба паси гарданаш сахт фаровард.

- Начунб! – дӯғ зад ӯ. – Ҷинояткорон! Омада кишвари моро ғорат мекунед! Болои сӯхта намакоб, боз мардумамонро заҳролуд мекунед, лаънатиҳо!

Хеле дӯғу пӯписа кард, полис.

- Ҳозир гирифта ҳардуятонро отдел мебарем, - ҳамоно бо оҳанги сард гуфт полис. -Очаи зоратонро нишон медиҳем. Паси панҷара, ки ҷо кардем, баъд мефаҳмед. Канӣ, роҳ гардед! Гӯё, ки Расия барои инҳо шаҳри бедарвоза бошад. Меоянду меоянд.

- Аз мастӣ намеоем, командир, -ниҳоят бо алам гуфт Мустақим.

- Хуш, канӣ бифаҳмем, - аз роҳравӣ бозистода пурсид полис. – Сабаби омаданатон чист?

Полисҳои дигар низ аз роҳравӣ бозистода ба Мустақим дида дӯхтанд. Лаҳзае хомӯшӣ ба миён омад.

- Мӯҳточӣ, - возеҳу равшан ва кӯтоҳ ҷавоб дод Мустақим.

- Мӯҳточӣ. Ин чӣ? – коғазчаро миёни ангуштон боло бардошт полис.

- Ин ҳам мӯҳточӣ? - хандида гуфт полиси дигар.

- Худо шоҳид, ки ин моли мо нест, - оромона ва бо алам посух дод Мустақим.

- А-а, -даст афшонд полис. – Худоро ба миёна накаш. Хубаш биё, ҳақи моро деҳу ба ҳар дуят ҷавоб.

Мустақим кисаҳояшро кофта пулҳои барои хароҷот гузоштаро берун овард.

- Ин қадар кам, - норозиёна ғурунгид полис.

- Имрӯз дар бозор ҳамроҳонатон тафтиш гузаронданд, - дарҳол ҷавоб ёфт Мустақим. – Ба онҳо маблағи калон супурдем.

Милиса ба яке аз ҳамроҳонаш нигариста пурсид:

- Рост мегӯяд?

Вай ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

- Ақаллан ин ҳамроҳат каме дигар илова мекард, - ба Саидаброр ишоракунон гуфт полис.

- Мо ҳар ду якҷояем. Пулҳо дар дасти ман. Ҳамаашро ба шумо супурдем.

Полис норизо сар ҷунбонда ба ҳамроҳаш нигарист. Вай имо намуд, ки онҳоро сар диҳад. Полисҳо ба мошин савор шуда, аз пешашон дур шуданд.

- Аз барф гурехта, ба борон афтодем, - заҳрханда намуд Мустақим. – Хайрият, либосҳоямро накофтанд.

- Акай Мустақим чанд пулаш додӣ?

- Қариб яксаду бист рубл. Хайр, биё хубаш хона меравем. Дер шуд.

- Чӣ, либосҳоро ҳам мекобанд? – роҳравон пурсид Саидаброр.

- Ҳар чи хоҳанд мекунанд. Барояшон мо одам нестем. Умуман баъди ҷанги Чеченистон муносибати инҳо бо мардуми сиёҳ тамоман

тағйир ёфт. Солҳои аввали омаданамон касе ба мо нигоҳ намекард. Ҳатто бе қайди зист ҳам мегаштем.

Вай ба Саидаброр воқеъаро нақл кард, ки ба ҳақиқат будани он бовараш намеомад.

* * *

Чун дар яке аз кишварҳои қафқозӣ, Чеченистон ҷанги Русия барои ҳукмронӣ дар ин минтақа оғоз ёфт, акси садои он ба дуродур танин андохт. Аз ҷумла, шаҳри Челябинск. Дар ин вилоят баробари русҳо, мардуми таҳҷой тотору бошқирдҳо зист доштанд. Ҳамчунин аз бисёр ҷамоҳири собиқ шӯравӣ миллату халқиятҳои гуногун барои

рӯзгузаронӣ омада буданд. Дар қатори эшон тоҷикони ҷангзадаю аламдида ва бехонумон гашта.

Мардуми чечен нисбатан камшумор бошад ҳам, ин ҷо ҳузур доштанд. Вале аз ҳама беш боғурур ва ору номус. Ҳаргиз нафаре аз эшон ба кори пасту каммузд даст намезад. Бозорнишинӣ намекард. Ор медонист. Таҳқирро ҳаргиз ба худ раво намедид. Чун муштзӯрони рус гурӯҳҳо ташкил карда, бозор, маҳаллаҳои ҷудогонаи шаҳрро зери назорати худ гирифта буданд. Ҳатто ба муштзӯрони рус дар муноқиша мешуданд. Ҳаргиз паст намеомаданд.

Мустақим бо як чечен ошноӣ дошт. Назарбек буд номаш. Вай аз тоҷирони узбак, ки

аз Осиёи марказӣ меваҷоти хушк оварда, аз дасти гурӯҳҳои муштзӯрони рус дар бозор имкони савдо надоштанд, мол мегирифт. Анбори калони ҷудогона дошт. Меваҷоти овардаи узбакҳоро яклухт мехарид. Ва яклухт мефурӯхт. Асосан ба тоҷикони дар маҳалҳои гуногуни шаҳр машғули савдо буда. Мустақим аз ӯ борҳо мол гирифта буд. Ҳатто ба тариқи насия.

- Ту одами бовиҷдон, - мегуфт Назарбек. – Насия бурдан гир. Фурӯхта баъд пулашро биёр.

Пас аз оғози амалиётҳои ҳарбӣ дар Чеченистон муносибат бо мардуми сарсиёҳ дар аксар манотиқи Русия куллан тағйир ёфт. Чеченҳо аз вилояти Челябинск тамоман ғайб заданд. Аксар

барои ҳимояи марзу бум ва миллати хеш роҳи ватан пеш гирифтанд. Аз ҷумла, Назарбек.

- Акнун мо бояд ватан равем, ошно, - бо Мустақим видоъкунон гуфт Назарбек. – Кӣ медонад, дигар ин ҷойҳо меоем ё не? Лекин ватанро ҳимоя бояд кард. Озодӣ барои мардуми мо аз ҳама чизи муқаддас аст.

Ибтидои ҳамла лашкари рус дар Чеченистон ба муқовимати шадид дучор гардид. Борҳо сахт шикаст хӯрд. Нокомиҳои лашкари рус меваи заҳролуд ба бор овард. Дар Русия ҳисси бадбинӣ нисбати мардуми сарсиёҳ торафт меафзуд. Акнун муҳоҷиронро бе қайди зисти муваққатӣ гаштугузор душвор мегашт. Ба полисҳои рус Ху-

до дод. Бо ҳар баҳона дошта пул меситонданд. Лату кӯб мекарданд.

Боре дар бозор Мустақим ҳамроҳи додараш Азим машғули савдо буд. Дид, ки полисҳои ОМОН гирди бозорро печонда истодаанд. Аҳаммийят надод. Гумон кард ягон ҷиноятқорро меҷӯянд. Хаёлаш ботил баромад. Полисҳо ба доштани уву дигар сарсиёҳҳо пардохтанд. Чун ҷиноятқорон. Онҳоро гурӯҳ-гурӯҳ дошта ба мошинҳои махсус бор карданд. Мошинҳои бадвоҳима.

Ба ин монанд мошинҳоро аз кинофилмҳои ҷанги Гирмон бисёр дида буд. Он ҷо гурӯҳҳои ҷазодиҳандагони фашистӣ мардумро дошта,

зӯран ба мошинҳо бор менамуданд. Сипас ягон ҷойи хилват бурда, қатл мекарданд.

Даруни мошинҳои воҳиманоки одамкашон ҳар гуна миллат дида мешуд. Тоҷику қазоқ, қирғизу арманӣ, узбаку озар. Ҳама сарсиёҳ. Полисҳои қавипайкару сар то по мусаллаҳ даруни мошин зиёд дида мешуд. Ҳамаро бераҳмона мекӯфтанд. Бо яроқ, дасту по.

Онҳоро ба як бинои калон даровварданд. Мисли варзишгоҳ. Як нафар полиси мусаллаҳи пурҳайбат ҷавонеро наздаш хонд. Ҷавон озар буд. Полис як пояшро болои миз гузошт. Фармуд ҷавон пойафзолашро тоза намояд. Ҷавон саркашӣ кард. Ба қафаси синаи ӯ лагади сахте зад,

полис. Ҷавон аз ҷо парида қафо афтод. Беҳуш шуд.

Пасон овози магнитофонро баланд карданд, полисҳо. Ба асирони хеш амр доданд дароз кашанд. Ва ба ҳар тараф тоб хӯранд. Полисҳо байнашон гаштугузор доштанд. Нафаре ба чашмашон беҳаракат метофт, лагадкӯб мекарданд. Дӯғу пӯписакунон ҳақоратҳои қабеҳ ба забон меоварданд.

- Он ҷо, дар Чеченистон бачаҳои мо аз дасти шумо, сиёҳҳо нест шуда истодаанд! Шумо дар ватани мо кайфу сафо доред. Бас! Минбаъд рӯзатонро сиёҳ мекунем!

## БОБИ III

Ноаён сардиҳо фаро мерасид. Ҳарчанд ки фасли пойиз имсол нисбатан гарму нарм омад. Ин табъи дили муҳоҷирон буд. Зеро бисёриҳо «мазза»-и сардиҳои кишвари русро начашида буданд ва акнун бояд мечашиданд. Ба қатори эшон Саидаброр низ дохил буд.

Айёми сардиҳо, ҳангоми соф будани ҳаво офтоб нур мепошид. Чун курси лоҷувардӣ. Вале ҳеҷ гармӣ надошт нури он. Сардии кишвари рус хушк аст. Вақти нафас кашидан хаёл мекунӣ ба

дарунат ях медарояд. Бисёр муҳоҷирони тоҷик, ки аксар навҷавонанд, гирифтори бемориҳо мегарданд. Бемориҳои вазнину табобатнашаванда.

Ҳарорати ҳаво акнун аз понздаҳ дараҷа гузашта буд. Чунин ҳолат барои кишвари рус чизи муқаррарист. Ва онро қариб, ки сардӣ намеҳисобанд, дар ин мулк.

Мустақим ҳис кард, ки Саидаброрро сардӣ таъсир намудааст. Зеро месулфид, аммо сир бой намедод, худро бардам вонамуд мекард.

Чанд маротиба Мустақим бор оварда медид, ки лабони Саидаброр каб-кабуд шудаанд. Ба нею нестонаш нигоҳ накарда дукони Валя мефиристод. Даме нишаста гарм шавад. Валяро хоҳиш мекард барояш қаҳваи гарм тайёр намояд.

Дар чунин мавридҳо Нина гирди сари Саидаброр парвона мегашт.

Маҳз дар яке аз рӯзҳои сард полисҳои ОМОН ба бозор ворид шуданд. Бо мақсади пул кор намудан. Мустақим дар бозор паҳлуи Саидаброр ҳузур дошт. Базӯр имкон ёфт, ҷониби Валя ишора намояд. Дасти Саидаброрро гирифта, бо илоҷе худро пушти яке аз дуконҳо расонданд. Валя дар дуконаш танҳо менишаст. Нина имрӯз мактаб рафта буд. Матоъи калонеро гирифта овард. Рӯйи молҳои шиносони тоҷикашро пӯшонду ба дукон баргашт.

Мустақим ҳамроҳи Саидаброр роҳи мошингардро убур намуда, назди бинои корхонаи тракторсозӣ расиданд. Аз пеши бино то пиёдароҳ за-

мини корам вуҷуд дошт. Баҳору тобистон он ҷо гулҳои рангин мешукуфт. Ҳоло замин урён. Заминро аз пиёдароҳ бутаҳои зич рӯидаи дар ин фасл бебарг, чун девор то ним қади одам ҷудо мекард. Ҳар ду паси бутаҳо аз чашми полисҳо пинҳон, бозорро назора доштанд.

Бозор маҳшаргоҳро мемонд. Полисҳо муҳоҷирони даргурезро таъқибкунон бозмедоштанд. Чанд нафар имкони гурехтан наёфтаро аллакай даст гирифта пеши УАЗ-икҳо оварданд. Чун ҷинояткор ба қафои мошинҳо, ки махсус барои боздошташудагон сохта шудааст, ҷо мекарданд.

Нафаре аз бозоракиҳои тоҷик ба самти дигар, ҷониби истгоҳи трамвай дартоз гардид. Ду полис аз қафояш шуд. Яке аз онҳо аз таппонча ба ҳаво ду тир холӣ кард. Чун машқдида буданд, ҷавон ба истгоҳ нарасида дасташ гирифтанд. Замин хобонда ба дастонаш завлона кашиданд. Пасон латукӯбкунон қафо баргаштанд.

Воқеъа пеши назари ҳама сурат гирифт. Савдогарону харидорон. Ҳангомаҷӯён хеле зиёд буданд. Иддае амали полисҳоро тарафгирӣ мекард. Қисме баръакс. Валя ба дуввумиҳо шомил буд. Ҷавони дастбаста ҳамроҳи полисҳо аз пеши дукони ӯ мегузашт. Тоқаташ намонд. Аз дукон берун гашта назди сардори ОМОНҳо, ки миёни бозор бо касе суҳбат дошт, омад.

- Ин чӣ гап, охир, - гуфт вай ба полис. – Аз мастӣ наомадаанд, инҳо. Ё кори дигар надоред?

- Хола, ба ҳар кор омехта нашав, - беэътиноёна, ҳатто ҷонибаш нанигариста ҷавоб дод полис. – Лозим шавад, худатро ҳам гирифта мебарем.

- Эҳ, ҳайфи погонҳо, - гӯён оташинона даст афшонду аз он ҷо дур гардид Валя.

Се мошини УАЗики полисҳо канори бозор қатор меистод. Дарҳои қафоро кушода, боздоштшудагонро болои ҳам бор карданд, полисҳо. Аз бисёрии одам дарҳо базӯр пӯшида шуд. Аз паси тирезаҳои панҷараноки дарҳои қафо чеҳраи чанд нафар тоҷикбача аранге менамуд.

Полисҳо бошанд ба нишастагоҳҳои пеш ҷо гирифтанд. Калонашон паҳлуи яке аз ронандаҳо дар нишастгоҳи пеш худро ҷо кард. Боқимондаи полисҳо ба чанд сабукрав нишастанд. Ҳар се УАЗик бо роҳи калон, на ба маркази шаҳр, балки ба берун роҳ гирифтанд. Сабукравҳо сӯйи маркази шаҳр. Баъди дур гаштани полисҳо Мустақим аз ҷо бархост. Саидаброр низ.

- Бачаҳоро куҷо бурданд? – пурсид Саидаброр.

- Беруни шаҳр.

- Отдел намебаранд?

- Барои чӣ баранд? Ягон гуноҳ накардаанд-ку? Беруни шаҳр кӯли калони оббозист. Дар лаби

кӯл аз мошин поин карда, кисаҳояшонро холӣ мекунанду ҷавоб медиҳанд.

- Набошад чӣ лозим воҳимаю суросуркунӣ? Боз тир паррондан?

- Худашона бояд нишон диҳанд. Ин ҷо ватани онҳост. Ҳарчи хоҳанд, ба бегонагон раво мебинанд. Мо барои онҳо кӣ? Як хаси роҳ. Зер карда мегузаранд.

Ҳар ду роҳро убур карда ба бозор омаданд. Болои рафи онҳо ва ҳамсоягон бо матоъ пӯшида буд. Мустақим ҷониби дӯкони Валя назар афканд. Нигоҳашон бо ҳам бархӯрд. Ва миннатдорона сар ҷунбонд.

Халтаҳои картошкаи тоҷикбачаҳо ҳини таъқиби полисҳо ҳар тараф парешон мехобид.

Картошкаҳо ҳар тараф рехта. Пас аз рафтани полисҳо Валя чанд нафар зани дукондорро ба ёрӣ хонд. Якҷоя халтаҳоро дар гӯшае батартиб гузоштанд.

Мустақим матои болои борҳояшон гузоштаи Валяро гирифта, халтаҳои картошкаро пӯшонд. Ба Саидаброр фармуд савдоро идома диҳад. Худаш назди Валя рафт.

- Раҳмат, апаи Валя. Ҳазор раҳмат, - изҳори миннатдорӣ дошт ӯ. – Хайрият шумо ҳастед. Набошад дар ин гуна ҳолатҳо моли бесоҳиб мондаи моро кашонда мебаранд.

- Намебаранд, додар. Ҳама мисли ин милисаҳо беинсоф нестанд. Ана, ман занакҳоро ба ёрӣ хондам. Не, нагуфтанд. Картошкаҳоро ғун-

дошта дар як гӯша ниҳодем. Хулоса одамони нек ҳам ёфт мешаванд.

Мустақим қаҳваи таклиф намудаи Валяро нӯшид. Ба баданаш гармӣ давид.

- Ман худам рафта савдоро идома диҳам, - аз ҷо бархоста гуфт ӯ. – Ҷиянамро назди шумо фиристам. Каме гарм шавад.

- Вайро эҳтиёт кун. Ту дар Расия бисёр гаштаӣ. Ӯ ҳоло бача аст. Тоқати хунукиҳоро надорад.

- Рост мегӯйӣ апаи Валя. Эҳ, дар гӯр рӯзи ногузари тоҷик. Барвақт ҳамаро калонсол кард ин зиндагии мо. Набошад, чӣ лозим ин гуна бачаҳоро аз пеши волидон дур кардан? Аз зиндагӣ ҳеҷ чиз надидаанд.

* * *

Саидаброр рӯзи дигар бозор баромада натавонист. Бегоҳ дар манзили иҷора хӯроки шом нахӯрд. Ба Мустақим гуфт, ки иштиҳояш нест ва сараш каме дард мекунад. Ранги чеҳрааш бошад, парида буд.

Шаб якбора табаш баланд гашта, чанд маротиба ҳазён гуфт. Мустақим ҳисобашро гум кард. Холаи Вера ҳам бедор гашта сари болини ӯ омад. Дасташро дошт. Ҳис кард, дар оташ месӯзад.

- Табаш баланд, - гуфт вай. - Ман ҳозир.

Аз ҳуҷра берун шуда пас аз чанде бозпас омад. Дар дасташ чанд дона дору.

- Ин ҳатман табашро паст мекунад, - фаҳмонд ӯ. – Аз афташ шамол хӯрдааст. Як духтури шинос дорам. Саҳар гирифта меорам. Мутахассиси хуб аст.

Пагоҳ додари Мустақим бозор рафт. Вале худ рафтанро эб надид. Дилаш нашуд дар чунин вазъ Саидаброрро танҳо гузорад. Ҳарчанд холаи Вера таъкид намуд, аз пайи кораш шавад, худаш ҳамаро саришта хоҳад кард. Аммо натавонист. Таби навҷавон хеле паст гашта бошад ҳам бемадор менамуд.

- Худатро суст нагир, ҷиян, - дилбардорӣ мекард ӯро Мустақим. – Ҳозир холаи Вера духтур

меорад. Дорую дармон мефармояд. Албатта, сиҳат мешавӣ.

- Очама хоб дидам, - ғайри ихтиёр лабони парсингбастаашро ҷунбонда, оҳиста ба гап даромад Саидаброр.

- Наход? Хайр, чӣ гуна хобаш дидӣ?

Дар лабони Саидаброр базӯр табассум дамид.

- Хоби нағз. Очама ёд кардам.

Инро гуфта оҳи сард кашид. Дар чашмонаш ашк пайдо гардид. Ашки чашмонаш дар рушноии чароғи ҳуҷра аксандозӣ дошт.

- Худатро зиқ накун ҷиян, - ба дилбардорӣ даромад Мустақим. – Ҳамин ки аз ҷоят хестӣ, ҳатман рафта телефон мекунем. Бо очаат хуб

гап зан, хумори дилат шиканад. Шукр, ҳоло корҳоямон нағз. То аввалҳои тобистони оянда ин ҷо ҷунбуҷул мекунем. Дар ин муддат хеле пул кор кардан мумкин. Баъд якҷоя хона меравем. Худам ҳамроҳат рафта ҳуҷҷатҳоятро ба университет месупорем. Як-ду муаллими шинос ҳам дорам. Ҳақашонро медиҳем, Худо хоҳад дохил мешавӣ.

Дар чеҳраи коҳидаи Саидаброр изҳори ташаккур ҳувайдо шуд. Хост чизе бигӯяд, вале сулфа гулӯгираш кард. Дасти Мустақимро бо кафи дастонаш дошт. Вай гармии аз меъёр зиёдро эҳсос кард.

- Дилам об мехоҳад.

- Ҳозир ҷияни тағош.

Мустақим дарҳол аз ҳуҷра берун шуд. Ба ошхона рафта термоси пури чойро бо як пиёла гирифта овард.

- Ба ту об хӯрдан хуб нест, ҷиян, - ба фаҳмондан даромад ӯ. – Камтар чойи гарм хӯрӣ, беҳтар.

Мустақим ба пиёла чой рехт. Бӯйи хуши он дар хуҷра паҳн гардид. Боз як-ду болишти дигар-ро таги сари Саидаброр ниҳод. Пиёлаи чойро рӯйи кафи дастонаш ниҳод. Саидаброр ҳамагӣ ду-се қулт нӯшиду пиёларо ба Мустақим дароз кард. Мустақим медонист, ки аз бегоҳ инҷониб ӯ ба даҳонаш чизе нагирифтааст.

Бинобарон гуфт:

- Хӯр ҷиян, ба баданат гармӣ медавад.

Саидаброр бошад, бо аломати инкор сар ҷунбонд.

Холаи Вера ҳамроҳи табиб ба хона баргашт. Вай марди миёнсоли тотор буд. Ба назар қавоқгирифта менамуд. Лек чун ба сухан даромад, гуфтораш мулоим, ҳатто бо савт ба гӯш мерасид.

- Ху-уш, чӣ гуна шикоятҳо ҳаст? - ҷомадончаи бо худ овардаашро кушода гуфт вай.

Аввал аз ҷомадонча айнакҳояшро берун овард. Каме аз чашмон поён, болои бинӣ гузошт. Сипас асбоби санҷиши нафаскаширо ба даст гирифт. Ва болои сари Саидаброр омад. Лаҳзае ба чеҳрааш зеҳн монду даст ба пешонияш гузошт.

- Канӣ, ҷавони зебо ба шикам хоб кун.

Мустақим кӯрпаи болои Саидаброрро поин кашид.  То ин ки ҳини тоб хӯрдан душворӣ накашад. Духтур шохакҳои асбобро ба гӯшаш ниҳоду тарафи дигарашро ба пушти Саидаброр расонд. Ҳар ҷо – ҳар ҷо асбобро дар пушташ гузошта, нафаскашии ӯро бодиққат санҷид. Пас аз анҷоми муоина фармуд Саидаброр ба пушт гашта, баҳузур хоб равад.

- Чанд рӯз боз ба ин аҳвол гирифтор шудаает? – асбоби муоинаро ба ҷомандонча ниҳода, аз болои айнакҳо ба Мустақим нигоҳкунон пурсид ӯ.

- Як-ду рӯз сулфид. Шабона якбора табаш баланд шуда монд. Пагоҳӣ бошад, аз ҷогаҳ хеста натавонист.

- Ҳм-м, фаҳмо. Ҳамаашро ба шумо баъд мефаҳмонам.

- Ман қаҳваи гарм тайёр кардам, - таклиф намуд холаи Вера. – Ба ошхона гузаред. Он ҷо гапзанон мекунед.

Дар ошхона холаи Вера ба ду стакан қаҳва рехта назди ҳар ду ниҳод. Рӯйи миз инчунин кулчақанду конфетҳо ниҳода буд холаи Вера.

- Марҳамат, даҳон ширин намоед, - ба хӯрдан муроот намуд вай. – Шумо шишта суҳбат кунед, ман назди Саид равам.

Холаи Вера мехост ба гуфтугӯйи ҳар ду халал нарасонад.

- Гап ҳамин ошно, - як қулт қаҳва нӯшидан пас ба сухан даромад духтур. – Шушҳои додарат

сахт шамол хӯрдагӣ. Дурустакак табобат кардан лозим. Имкон бошад беморхона баред, беҳтар. Агар не, дорую дармон таъин мекунам. Ҳамин ҷо табобат кунед. Фақат ҳамин ки беҳуда гардиш накунад.

Холаи Вера боз ба ошхона омад. Духтур матлабашро ба ӯ низ баён кард.

- Чӣ лозим ба беморхона бурдан? – гуфт ӯ. – Инҳо қайди зисти доимӣ надоранд. Сарашонро гаранг мекунанд. Хубаш дору нависед. Ҳамин ҷо табобат ёфтан мегирад. Ҳамсояамон ҳамшираи шафқат. Ҳақашро медиҳем, омада дорую дармон мекунад

- Фаҳмо, - дафъаи дуюм ин калимаро такрор намуда сар ҷунбонд духтур.

Аз ҷомадончааш хомаю варақчаҳои махсуси мӯҳрдор бароварда, номгӯйи доруҳоро навишта ба Мустақим дароз кард.

- Ин доруҳоро аз дорухона ёфтан мумкин. Тарз ва дар як рӯз чанд маротиба истифода бурданро навиштам. Пагоҳу бегоҳ бошад як пиёла шири ҷӯшондаро бо як қошуқ асали тоза омехта мекунед. Ҳамон тавр гармогарм менӯшонед. Фоидаи хуб дорад.

Ҳини хайрухуш «ҳақи хизмати шумо», гӯён Мустақим хост чанд дона пулро ба кисаи палтои духтур андозад. Вай нагузошт. Пулҳоро дар кафи Мустақим пахшу ангуштҳояшро мушт кард. То ин ки натобанд.

- Ҳамаро бо як чашм нигоҳ накун, ошно, - бо нигоҳи хайрхоҳона гуфт вай. – Ман ин корро аз дили соф, бе ягон тамаъ ба ҷо овардам.

Сипас дасташро барои хайрухуш дароз кард. Мустақим дасти ӯро самимона фишурд.

* * *

Ҳине ки Саидаброр бистарӣ шуд. Нина ба набуданаш чандон аҳаммийят надод. Сипас худи ӯ чанд рӯз бозор наомад. Овора аз пайи мактабу таълим шуда монд. Чун омад набудани Саидаброрро дарҳол ҳис кард. Омада паҳлуи Мустақим нишаст. Ва куҷо будани Саидаброрро пурсон шуд.

- Ошноят чанд рӯз боз бемор аст, - фаҳмонд Мустақим.

- Чӣ шудааст ба ӯ? – бетоқат гашта пурсид духтар.

- Духтур мегӯяд, ки шушҳояш шамол хӯрда-аст.

- Ваҳ! Дар кадом беморхона хоб аст?

- Беморхона набурдем. Дар ҳуҷраи иҷора-амон бистарист.

- Наход Саша бемор бошаду ба ягон духтур нишон надиҳед? – дар пешонии духтар чин пайдо гашта, норозиёна пурсид.

- Нишон додем, Ниначон, - ҳалимона ҷавоб дод Мустақим. – Духтур омада дид. Дорую дар-мон навишт. Ҳоло як ҳамшираи шафқат ҳар рӯз

омада, чанд маротиба сӯзандору мегузаронад. Аҳволаш хеле беҳ шудааст. Якчанд рӯз пас бозор меояду вайро мебинӣ.

Нина гӯё дигар тоқат надошт.

- Суроғаатон дар кучост?

- Чӣ лозим ба ту суроғаи мо?

- Ман ӯро хабаргирӣ меравам.

- Хабаргирӣ? – нобоварона пурсид Мустақим. – Кай?

- Худи ҳозир.

Мустақим ба фаҳмондан даромад. Нина аз пеши ӯ дукони бибияш рафт. Лаҳзае он ҷо таваққуф карда, бо бибияш гапзанон намуд. Пасон халтаи зебое дар даст аз дукон берун шуда, сӯйи истгоҳи трамвай роҳ гирифт.

Вақте Нина аз пеши Мустақим ҷониби дукон рафт, ӯ тамоми ҳаракати духтарро зери назора гирифт. Дар роҳ ба сӯйи истгоҳ Нина аз назари Мустақим ғайб зад. Танҳо дар ин ҳолат ӯ нигоҳашро аз духтар канда ба бозор дӯхт. Ва аз дил гузаронд, ки духтар ба Саидаброр дилкашолие дорад. Дилкашолии сахт.

Холаи Вера аз кор рухсатӣ буд. Ба хотири Саидаброри бемор қариб ба ҷойе намерафт. Модарвор ӯро нигоҳубин мекард. Ҳар рӯз рафта ҳамшираи шафқатро гирифта меовард. Барояш ҳар гуна хӯрданиҳо тайёр мекард. Пайваста аз ҳолаш пурсон мешуд.

Ҳини мактабхонӣ чун дар бораи миллатҳо сухан мерафт, аз даҳони калонсолон нисбати

миллати тотор қариб, ки ҳарфи нек намешунид, Саидаброр. Ибораи «татари хатар» - ро бисёр шунида буд. Аммо аз рӯзе, ки ба остонаи хонаи Вера қадам ниҳод, танҳо муомилаи хушро диду халос. Бо Саидаброр хусусан набераи холаи Вера, духтарчаи чорсола Женя хеле унс гирифта буд. Омада дар бағалаш менишаст, пасон пурсуковро сар мекард. Аз ҳар хусус. Саидаброр, ки русиро хуб намедонист, ба пурсишҳои кӯдак дарҳам - барҳам ҷавоб медод. Женя тифли зираке буд. Аз чунин посуххо завқида механдид. Саидаброр мешармид. Холаи Вера ба танбеҳи Женя мепардохт.

Ҳамин тавр, соҳибхонаҳо бо иҷоранишинони хеш чун одами худӣ муносибат доштанд. Гоҳо

соҳибхонаҳо деҳа, назди хешовандон мерафтанд. Қариб то як ҳафта хонаро пурра ба ихтиёри иҷорашинон мегузоштанд. Аз чунин рафтори эшон Саидаброр ба ҳайрат меафтод.

- Онҳо низ чун мо мусулмонанд, - мефаҳмонд ба ӯ Мустақим. - Мебинанд, ки намозхонем, ягон амали беҷое намекунем, ба мо бовар доранд.

Холаи Вера дар ошхона ҷунбуҷӯл дошт. Синаш аз панҷоҳ боло, аммо серҳаракат менамуд. Ошпаз, ки буд хӯрокҳои болаззат мепухт. Илова бар он мураббоҳои гуногун ва аз анвои сабзавот консерваҳо тайёр мекард. Умуман, ба қавле зане буд, ба дасту по.

Ҳине ки дар хона зиёфат меоросm, болои мизро бо ҳар гуна мураббою сабзавоти намакин пур мекард. Оро медод. Ҳатто аз як навъ каду ки хурдҳаҷм ва маҳз дар иқлми Русия парвариш меёбад, консерва тайёр мекард. Мустақим онро бағоят дӯст медошт. Умуман ба ҳунармандияш Мустақим қоил буд.

Гоҳо Мустақим ба ӯ меваи хушк медод. То ин ки нӯшоба тайёр кунад. Вай бошад меави хушкро шӯста, каме дар об нигоҳ медошт. Сипас аз гӯштқимакунак мегузаронд. Хамир тайёр карда, зувола мегирифт. Чун фатири тоҷикӣ. Меваи қимашударо рӯйи зувола мерехт. Болояшро бо як қабат зуволаи дигар мепӯшонд. Пас даруни

тафдон мегузошт. То пухтан. Вақти чойнушӣ як порагӣ бурида назди иҷорашинҳояш мегузошт.

- Хола, панҷ - панҷаат ҳунар, - нонро хӯрда шӯхиомез  мегуфт Мустақим. –Ҷойи ту ватани мост. Биё, бо мо равем, он ҷо  шавҳар мекунӣ. Туро болои сар  мегирад, шавҳар.

- Эҳ, бачам, пир шудам, - каме бо ҳасрат мегуфт холаи Вера. - Ман куҷою шавҳаркунӣ куҷо?

- Бо ин ҳунар бароят даҳ шӯй меёбам , хола.

- Не, -даст  меафшонд ӯ. – Акнун дер шуд.

* * *

Садои занги дар баланд гардид. «Кӣ бошад?», аз дил гузаронд холаи Вера. Одатан пагоҳӣ хонаи онҳо қариб касе намеомад. Духтараш то бегоҳ дар кор.

Наберааш дар боғча. Мустақиму додараш Азим то бегоҳ дар бозор. Ба аёдати Саидаброр тоҷикбачаҳои шинос пас аз шом меоянд.

Назди дар омада аз чашмаки он ба берун назар афканд. Пушти дар духтаре меистод. Ношинос. Дарро кушоду чун одат маъмули мардуми рус пурсид, кӣ лозим?

-Ман ба аёдати Саша омадаам, - бо овози ҷарангосӣ пас аз салом гуфт духтар. Холаи Вера лаҳзае ба чеҳраи ӯ нигарист. Ситорагарм ва резапайкар. Бинии майдаякаш каме боло теғ каши-

да. Дар рухсораҳои сафедаш доғи кунҷитак менамуд.  Мӯйҳои начандон дарозашро ду кокул бофта, ба пеш, болои синаҳо партофта буд. Дар сар телпаки духтаронаи гӯшаҳояш дароз. Ба тан палтои хокистарранг ва ба по мӯзаҳои зебои пошнабаланд пӯшида буд. Тарзи гуфтори духтар ба холаи Вера писанд омад. Ҳис кард, ки духтар боодоб ва бероҳа нест. Аммо сир бой надода пурсид:

- Кадом Саша?

- Охир вай дар хонаи шумо иҷорашин-ку? - аз нав овози ҷарангосии духтар баланд гардид. - Ҳамроҳи амаки Миша дар бозори ЧТЗ савдо мекард. Чанд рӯз шуд, ки  нест. Амаки Мишаро пурсам гуфт, ки бемор аст. Ана, хабаргирӣ омадам.

- Хайр биё даро, - табассумкунон гуфт холаи Вера. - Боз хаёл накунӣ, ки туро истинтоқ дорам.

Духтар хандид. Хандааш низ ҷарангосӣ буд.

Холаи Вера духтарро пушти дари ҳуҷра овард. Ӯро огоҳ кард, ки шиносаш ҳоло хоб аст. Оҳиста даромада шинад. Худаш бошад ҷониби ошхона равон гардид.

Нина вориди ҳуҷра шуд. Ҳуҷраи начандон калон. Лек тозаю озода. Дар кунҷҳои ҳуҷра, наздики тиреза ду кат меистод. Яке калон барои хоби дунафара, дигаре хурд. Болои кати хурд Саидаброр оромона мехобид. Гӯё хонаи худаш бошад, Нина кӯлворашро болои ҷевончаи назди

кат гузошт. Беибо рӯйи кат, паҳлуи Саидаброр нишаст.

Нина ба чеҳраи Саидаброр назар афканд. Ранги рӯяш коҳида, устухонҳои рухсораҳояш каме барҷаста ба назар мерасид. Саидаброр оҳиста чашм кушод. Бӯйи хушу гуворои атри занона ба димоғаш расид. Ҳис кард, ки касе паҳлуяш нишаста, бодиққат нигоҳаш дорад.

- Ана, ба худ омадӣ! - нидо кард Нина. – Амаки Миша гуфт, ки ту шамол хӯрдаӣ. Аҳволат чӣ тавр?

- Раҳмат, бад не, - оҳиста ҷавоб дод Саидаброр ва кӯшиш кард сар аз болин бардошта, рӯйи кат нишинад.

- Не - не, наҷунб, - дарҳол аз китфонаш дошт Нина. – Ту ҳоло мадоратро гум кардаӣ, беҳтараш хоб кун.

Нина болишти таги сари ӯро каме дуруст, рухсораҳояшро сила кард. Аз ҷо бархосту ба кофтани халтаи овардааш пардохт. Термос ва халтачаи хурди сафедро баровард. Аз кати калон як болиштро гирифта, таги сари ӯ ниҳод. Сарпӯши термосро кушода, ба стакан нӯшокии гарм рехт. Аз халтачаи сафед як дона пирогро гирифта, ба дасти Саидаброр часпонд. Аз болои кат паҳлуяш нишасту нӯшокиро ба вай дароз намуд.

- Пирогҳоро очаам махсус барои ту пухт, - ба нақл даромад Нина. – Ин асалчой. Фоидаи калон дорад, нӯшидан гир.

Саидаброр хост ба духтар фаҳмонад, ки ҳоло сер аст. Иштиёқи хӯрдан надорад. Вале натавонист. Духтар гӯё вайро сеҳр дошт. Ба назараш боз ҳам зеботар менамуд. Ҳар гуна нақлҳои аҷиб мекард барояш.

Холаи Вера дар ошхона гуфтору хандаи духтарро мешунид. Фикр мекард, ки ӯ мабодо бо гапҳои беҳуда майнаи Саидаброрро пакар созад. Бе ин ҳам вай маҷоли шунидани ҳар гуна суханро надорад.

Бесадо дохили ҳуҷра шуд. Духтар саргарми гап ворид гаштанашро ҳис накард. Саидаброр бо

чеҳраи шукуфон  ба гуфтаҳои духтар гӯш андохта пирог тановул дошт. Ва асалчой менушид.

Нигоҳи Саидаброр ва холаи Вера бо ҳам бархӯрд. Холаи Вера чашму абрӯвонашро боло кард. Мазмун духтари зӯр. Боз бесадо аз ҳуҷра берун рафт. Дар лабони Саидаброр табассум дамид. Чанд муддате, ки Нина паҳлуяш буд, хастагиро тамоман фаромӯш намуд.

Ҳине ки Нина қасди рафтан кард, ӯ ҳам аз ҷо бархост. Ҳарчанд духтар монеъ шуд, ки аз ҷо нахезад. То пеши дар ба гуселаш рафт. Холаи Вера ҳайрон монд. Духтур талаб карда буд, ки то як муддат бемор беҳуда аз ҷо барнахезад. Меҳмон омаду Саидаброр  таъкиди духтурро сарфи назар кард.

Ҳангоми хайрухуш Нина даст дароз кард. Лаҳзае кафи дастони ҳар ду бо ҳам буданд. Духтар табассуми зебое кард. Саидаброр ҳис кард, ки ба духтар дилкашолие дорад. Нина берун баромаду Саидаброр дарро пӯшид. Холаи Вера ҳини гусел паҳлуяш буд. Ба Саидаброр гуфт:

-Ба Худо, ки духтари зӯр. Гир, ҳатман бо худат бар. Пушаймон намешавӣ.

Лабони Саидаброр ба табассум моил шуданд. Шармид ва сар  поин намуд. Дар гунаҳои бехунаш бошад, сурхӣ давид. Ҳамаи инро холаи Вера ҳис кард. Вале чизе нагуфт.

* * *

Соли нави исавӣ фаро расид. Ташвиши шаҳриён афзуд. Мардум барои оростани хони солинавӣ бештар харид мекард. Ҳама мекӯшид соли навро  табъи дил пешвоз гиранд. Савдои меваҷоти хушк дар ин давра зиёд гашт. Аз бозе, ки шумораи тоҷикон дар манотиқи гуногуни Русия афзоиш ёфт ва эшон меваи хушкро бештар кашонда оварданд. Мардуми таҳҷои шаҳрҳои рус гузаронданӣ ҳар гуна  маъракаро бе ин гуна меваҷот тасаввур карда наметавонист. Дар фасли сармо бошад, меваи тар кам ёфт мешавад.

Мустақим чун гурги борондида талаботи бозорро хуб медонист. Пешакӣ меваҷоти хушк, мавиз, зардолуи нимхушк ва ҳар намуд дона захира мекард. Даромади ду - се моҳаро аз савдо,

маҳз муддати даҳ - дувоздаҳ рӯзи пеш аз соли нав пайдо карда метавонист.

Саидаброр пас аз ду ҳафтаи беморӣ боз ба по хест. Рӯзҳои пеш аз соли нав, ҳини авҷи савдо, дар бозор паҳлуи Мустақимро гирифт.

Бисёр тоҷикон аз ҳар канори Русия дар арафаи соли нав озими диёри хеш мешуданд. Хусусан онҳое, ки дар сохтмонҳо заҳмат мека-шиданд, дар бозорҳо машғули савдои сару либос буданд. Мекӯшиданд соли навро дар хона, дар ҳалқаи наздикон пешвоз гиранд.

Меваю сабзавотфурӯшон баръакс. Пас аз соли нав ба роҳ мебаромаданд. Арафаи соли нав савдояшон хеле хуб буд. Илова бар он, пас аз ҷашн хона рафтан осон мегашт. Хоҳишман-

дони сафар кам, чиптаи тайёраву қатораро бе-малол дастрас намудан мумкин буд.

Мустақиму Саидаброр ҳоло нийяти хона-равӣ надоштанд. Ба қавли Мустақим маблағашон кам, кирои рафтан намекард, Ба ҳар ҳол, арафи соли нав ҳар ду хона занг заданд. Саидаброр бо модараш гапзанон кард. Бештари як моҳ овози ҷигарбандро нашунида буд, модар. Писарро сахт пазмон, ҳатто ба хавотир афтода буд, аз боби ӯ. Чӣ фикрҳое ба сараш наомад. Шавҳарро безор кард. Ҳар рӯз зорӣ дошт ба шиносҳои дар Русия будааш занг занад. Дараки писарашро ёбад. Саидаҳмад низ сару калобаашро гум кард. Ба чанд кас занг зад. Лек бенатиҷа.

Чун овози писарашро шунид, модар хеле таскин ёфт. Сабаби дер занг заданашро пурсон шуд. Саидаброр серкориро баҳона кард. Нагуфт, ки бемору бистарӣ гардид.

Ба модар хабар дод, ки ба воситаи шиносҳо пул, инчунин сару либос фиристодааст . Барои додарҳояш. Модар суханони ҷигарбандашро шунида дар ҳақаш дуои нек кард.

Занги писар дар арафи соли нав волидонро хеле ором кард. Саидаброр инчунин рақами телефони ҳамсояи хонаи иҷораашонро гуфта дод. Агар дер занг занад, бо ин роҳ метавонанд, даракашро ёбанд.

Пас аз соли нав холаи Вера ҳамроҳи духтару набераааш деҳа рафт. Назди хешовандон. Ҳар

ду дар хона танҳо монданд. Ва мебоист беш аз як ҳафта бозор набароянд. Зеро дар ин давра савдо хеле суст гашта, касе чизе харид намекард. Ба қавли Мустақим ин давраи дамгирӣ ҳисоб меёфт.

Шумораи тоҷикон дар шаҳр коҳиш ёфт. Аксар ватан рафтанд. Як - ду моҳ пеши наздикону пайвандон хоҳанд монд. Нафас рост мекарданд. Сипас барои дарёфти қути лоямут бозпас меомаданд. Маҳз дар ин рӯзҳои солинавӣ тоҷикони дар ғарибиҳо монда ба аёдати якдигар мерафтанд. Чанде аз эшон омада Мустақиму Саидаброрро хабар гирифт. Ҳар ду бошанд, имкони ҷойе рафтан надоштанд. Намехостанд дар набудани соҳибхонаҳо манзил беодам монад.

Гурӯҳҳои дуздону ғоратгарон амали фаъол доштанд, дар шаҳр. Ҳодисаҳои ғоратгарӣ тез - тез рух медод. Боре гурӯҳи ғоратгарон ба хонае зада медароянд, ки ҳамроҳи кампири соҳибхона як ҷавони тоҷик мезист. Дар ҷогаҳи хоб ба тоҷикписар тир мекушоянд. Сипас ҳама моли барои тиҷорат овардаашро ба яғмо мебаранд. Хушбахтона, тоҷикписар зинда монд. Тафтиш ошкор месозад, ки дар ин ғоратгарӣ писари ягонаи кампири соҳибхона даст дорад. «Ташриф»-и ғоратгаронро ӯ ташкил намудааст. Аз ин рӯ Мустақим ҳеҷ намехост манзили зисташон беодам бошад.

* * *

Як бегоҳ ҳамсоязанак омада хабар дод, ки додари Мустақим ба воситаи телефон бародарашро суроғ дорад. Салим дар шаҳри Сургут машғули корҳои сохтмонӣ буд. Баъди ҳолпурсӣ аз Мустақим хоҳиш намуд чанд нафарро гирифта наздаш биёяд. Мустақим ҳайрон чи ҷавоб гуфтанашро надонист.

- Дар ҳамин ҷо шукр, корҳоямон бад нест, - ниҳоят ҷавоб дод ӯ. - Ё рафтанамон зарур?

- Зарур ака, хеле зарур, - хоҳиш дошт Салим. – Ман як иморати нав қабул кардам. Коргаронам кам.

- Азим хона рафт. Ин ҷо ману Саидаброр танҳоем.

- Ҳеҷ гап не, агар одами маъқул ёфт шавад, гирифта биёр. Набошад, ақаллан ҳамроҳи Саидаброр расида биёед. Худат панҷ – панҷаат ҳунар. Кори чанд касро саришта карда метавонӣ.

- Як - ду моҳи дигар сабр мекардӣ. Ҳаво андак гарм мешуд.

- Ба заказчикҳо кори пешинаамон писанд афтод. Объекти нав таклиф карданд. Ин ҷо корро ба ҳар кас бовар намекунанд. Баъд ин ки мо дар берун кор намекунем. Даруни биноҳо системаи гармдиҳӣ дорад. Корамон бошад, андоваю сафолак чидан. Аз ҳама муҳимаш пули калон медиҳанду корамон бе миёнаравҳост.

Дар охир додараш музди меҳнати ҳармоҳаро фаҳмонд. Ин ҷо, дар бозор муддати ду -

се моҳ ними маблағи додараш номбурдаро базӯр меёфтанд. Салим бори дигар омаданашро боисрор хоҳиш намуд. Мустақим дигар не гуфта натавонист.

Саидаброр дар ҳуҷраи истироҳат ҷаҳоннамо тамошо дошт. Мустақим наздаш даромаду каме ба чеҳрааш нигарист. Аз нигоҳаш Саидаброр рамуз гирифт.

- Тинҷӣ, ака? – пурсид вай.

- Аз ин ҷо рафтанамон лозим, - андешаманд посух дод Мустақим.

- Рафтанамон лозим? - чизеро нафаҳмида ҳайрон шуд Саидаброр.

Ба ҷойи ҷавоб Мустақим сар ҷунбонду натиҷаи гуфтугӯяшро бо додараш батафсил фаҳмонд.

- Пули нағз диҳанд, ҳеҷ гап не, меравем, - рӯҳбаланд гардид Саидаброр.

- Ҳавои Сургут назар ба ин ҷо хеле хунук аст.

- Чи хеле ки гуфтӣ, ҷойи корамон гарм.

- Дуруст. Дар берун ҳаво ниҳоят сард. Ту бошӣ, нав аз бистар хестӣ.

Рӯзи дигар Мустақим Душанбе занг зада бо додараш Азим гуфтугӯ кард. Хоҳиш намуд тезтар расида биёяд. Соҳибхонаҳо аз деҳа баргаштанд. Ба холаи Вера сабаби рафтанашонро фаҳмонд.

- Аз Душанбе Азим гашта меояд. Вай ин ҷо мемонад.

- Лекин ту одами дигар, - каме ғамгин шуда гуфт холаи Вера. – Бо Саид ҳам одат кардем. Хусусан Женя. Доим ба вай часпида меистад. Шӯхӣ мекунад, гӯё бародараш бошад.

- Мо доимӣ намеравем - ку, хола. Ягон ним сол пас гашта меоем. Бисёр ҷойҳои Расияро давр зада баромадем. Лекин дар ин кишвар манзили доимии мо хонаи туст, хола.

Ҳарчанд савдо он қадар авҷ надошт, ноилоҷ бозор баромаданд. Моли боқимондаро фурӯхтан лозим буд. Нархро арзон намуда, муддати се - чор рӯз ҳамаро ба савдо заданд.

Бо кампири Валя дар бораи сафарашон Мустақим хабар дод. Вай бошад ба Нина. Рӯзи охирини савдо духтар аз паҳлуи Саидаброр ҳеҷ дур нашуд. Мустақим ҳардуро танҳо гузошт. Гоҳо назди Валя медаромад.

- Ҷиянат ба набераи ман сахт маъқул шудааст, - сӯйи ҳар ду ишоракунон гуфт Валя. – Метарсам, ки аз қафо ба суроғатон наравад.

- Медонӣ хола, бузурге чӣ гуфтааст? Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр аз рӯйи кина, кина, аз рӯйи меҳр, меҳр.

- Мефаҳмам. Лекин фарзандони мо мисли ҷӯҷаи паррандаанд. Паррончак, ки шуданд, ба ҳар тараф парида мераванд.

Рӯзи сафар барои гусел холаи Вера омад. То омадани қатора вақт зиёд буд. Ҳар се даруни истгоҳи гарму барҳаво дар гӯшае интизорӣ доштанд. Холаи Вера пайдо шудани Нинаро ҳис карду Саидаброрро огоҳ намуд. Вай ба пешвози духтар аз ҷо бархост. Ҳар ду миёни одамон нопадид шуданд.

Аз омадани қатора ба воситаи баландгӯяк огаҳӣ доданд. Лек аз Саидаброру Нина дарак набуд. Мустақим беқарорӣ дошт. Ноилоҷ ҳамроҳи холаи Вера кӯлворҳоро гирифта ба перрон баромаданд. Назди вагони лозима интизор шуданд. Ниҳоят Мустақим ҳардуро дид, ки ҷониби вагон меоянд. Ба онҳо наздик нашуда, Нина аз

роҳравӣ бозистод. Саидаброр низ. Духтар пораи коғазеро ба ӯ дароз карда гуфт:

-Ин ҷо рақами телефони хонаи мо. Ҳатман занг зан, майлаш?

- Албатта.

Саидаброр хост коғазро ба кисаи пеши бари либоси болопӯшаш гузорад. Нина як дасташро ба гардани ӯ ҳалқа карда, аз гунааш бӯсид. Пасон қафо давида вориди бинои истгоҳ шуд. Мустақиму холаи Вера ин манзараро тамошо доштанд.

- Илтимос, аз даст надиҳед, - мегуфт холаи Вера ба Мустақим. – Хона, ки рафтед, ҳатман гирифта баред.

- Охир, ин ба ман вобаста нест. Инро ба вай фаҳмон, - хандида ба Саидаброр ишоракунон гуфт Мустақим.

## БОБИ IV

Сургут шаҳрест воқеъ дар минтақаи каме шимолу ғарби Сибири Русия. Ва мансуб ба ҳайати округи миллии Ямалу Ненетс. Шаҳрест саноати коркарди чӯбу тахта хеле инкишоф ёфта. Зеро ҷангалзорҳои нопайдоканори Сибир маҳз аз ин ҷо ибтидо мегирад. Илова бар он, конҳои нафту газ дар ин макон беҳисоб аст.

Иқлими басо сард дорад, Сургут. Ва ниҳоят тӯлонист. Охирҳои баҳори кӯтоҳ бо фарорасии тобистон барф аз рӯйи замин мехезад. Бо фаро-

расии фасли пойиз аллакай замин аз нав барфпӯш аст.

Мустақим ҳамроҳи Саидаброр бори аввал ба ин минтақаи Русия омаданд. Ба сардиҳои ҳаво нигоҳ накарда тоҷики бисёр ин ҷо заҳмат дошт. Ба назар чунин мерасад, ки дар кишвари нопайдоканори рус ҷойе намонд, ки қадами тоҷик нарасида бошад.

Дар бозору сохтмонҳо, анборҳои бешумор, иншоотҳои гуногун ҷон мекоҳонд тоҷик. Дар ин қисмати нисбатан сарди рус. Барои рӯзгузаронии худу пайвандон. Вақти гармиҳо бошад, дар бандарҳои обӣ ҳаммолӣ мекарданд, тоҷикон. Аз ин ҷо ба воситаи рӯд фасли тобистон ба қисмати боз ҳам шимолу сарди Русия бори гуногун фири-

стода мешуд. Бо фарорасии сардиҳо рӯд ях баста, ҳаракати киштиҳо қатъ мегардид.

Бисёр тоҷикбачаҳо азми хонаравӣ доштанд, дар ин давраи сардиҳо. Ҳанӯз пеш аз фарорасии соли нави исавӣ. Вале на ҳама корфармоён ҳақи заҳмати эшонро сари вақт мепардохт. Аз ин рӯ, нийяти сафари хона таъхир меёфт. Як - ду моҳ ва аз он ҳам зиёд.

Мустақим пай бурд, ки қисме аз ҷавонписарони тоҷик бо сабаби иқлими сарди ин минтақа мубталои бемориҳо шудаанд. Бо онҳо лозим меомад, пас аз бозгашт ба ватан маблағи ғундоштаи хешро баҳри табобат сарф намоянд.

Додари Мустақим дар канори шаҳр як хонаи заминиро иҷора гирифта буд. Ҳамроҳи соҳибхо-

наҳо, як чолу кампир мезист. Хона бо усули русӣ аз чӯб сохта, чор ҳуҷраи  калон дошт. Системаи гармидиҳӣ ба воситаи газ ҳуҷраҳоро гарм мекард. Як ҳуҷраи калонро ба ихтиёри Салим вогузошта буданд.

Соҳибхонаҳо аз мардуми ненетс, ҳар ду сиёҳҷурдаи қоқина. Зоҳиран андешаманду камгап менамуданд. Дар як гӯшаи лаби мӯйсафед аксар вақт чубуқ овезон меистод. Нигоҳашон бекина, бо русӣ дуруст ҳарф зада наметавонистанд.

Қариб се моҳ паси сар шуд. Дар дигар манотиқи Русия, хусусан қисматҳои ҷанубӣ барф аз рӯйи замин хест. Боди мулоим ба вазидан даромад. Дар Сургут бошад, ҳамоно зимистони сард ҳукмронӣ дошт.

Додари Мустақим таъмири як бинои калони бисёрҳуҷраро ба ӯҳда гирифта буд. Мустақиму Саидаброр якҷоя кор мекарданд. Мустақим андова мекарду Саидаброр ёрӣ мерасонд. Саидаброр ҳарчанд дар ҳавои сард гаштугузор намекард, аммо лаҳзае дар берун будан, ба саломатияш таъсири ҷиддӣ мерасонд.

Чанд рӯзи охир Мустақим аз ваҷоҳати ӯ ҳис кард, ки боз нотоб шудааст. Ранги рӯяш коҳида, иштиҳо надошт. Гоҳо месулфид. Вале сир бой намедод. Рӯзе ҳангоми кор Мустақим даст ба пешонии ӯ расонд. Табаш хеле баланд.

- Бо ин аҳвол дер поида наметавонӣ, ҷиян, - андӯҳгинона гуфт вай.

Чанд маротиба бистарӣ шуд, Саидаброр. Боз ба по мехест. Вале бо фарорасии нафаси гарми ҳаво тамоман аз по афтод.

Ҳар моҳ Саидаброр ба Нина занг зада меистод. Чун ба беморхона афтоду занг назад, худи духтар почта омад. Мустақим бо духтар гуфтугӯ намуд. Фаҳмонд, ки Саидаброр дар беморхона хоб аст. Лек ӯ ҳеҷ бовар намекард. Танҳо як хоҳишг дошт: мехост овози Саидаброрро шунавад.

Моҳи август фаро расид. Мебоист дар ин давра Саидаброр дар ватан имтиҳонҳои дохилшавиро ба донишгоҳ ҳамроҳи дигар довталабон месупурд. Вале ӯ дур аз ватан, бемор аст.

Вақтҳои охир тамоман беҳол гашта, ранги рӯяш зард, гунаҳояш кӯчида буд. Маҷоли сухан гуфтан надошт.

Ҳар бегоҳ, пас аз кор Мустақим ба аёдаташ меомад. Мекӯшид бо ӯ бештар гапзанон кунад. То ин ки танҳоӣ барояш эҳсос нагардад. Вале барои Саидаброр ҳама чиз бефарқ шуда буд. Ба суханони Мустақим тамоман аҳаммийят намедод. Ҳис намекард, ки чӣ мегӯяд ӯ. Ин ҳолат Мустақимро тамоман хавотир намуд.

* * *

Охирҳои моҳи август дар ин мавзеи Русия боронгариҳо оғоз ёфт. Мустақим хост Саидаб-

рорро гирифта хона барад. Лек илоҷ набуд. Роҳ дур, вазъи ӯ бошад, нигоҳубини доимӣ ва ороми-ро талаб мекард.

Он рӯз барои Мустақим истироҳат ҳисоб меёфт. Вай беморхона, ба дидорбинии Саидаб-рор омад. Ҳуш надошт ӯ. Назди болин дуру дароз ба чеҳрааш нигарист. Ниҳоят чашмонашро ку-шод. Ёрои ҳаракат, гап задан надошт. Ба пур-сишҳои Мустақим базӯр сар меҷунбонд.

- Акай Мустақим, ман мемурам, - канда-канда базӯр гуфт навҷавон.

Чизе гулӯи Мустақимро фишурд.

- Ин хел нагӯ, ҷони ака, - бо азобе худро ба даст гирифт Мустақим. - Худо хоҳад шифо ме-ёбӣ. Хона меравем.

- Не-е, - ҳамоно канда-канда ҷавоб дод Саидаброр ва рӯяшро ҷониби дигар гардонда чашмонашро оҳиста пӯшид.

Ин охирин сухан буд, ки Мустақим аз даҳони Саидаброр шунид. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Панҷаҳои дасти Саидаброр ба каф гирифт. Ба назараш хеле харобу бемадор намуданд, панҷаҳо.

- Ба тамоми ҷисми ҷиянатон хунук таъсир кардааст, - дар ҳуҷраи корӣ гуфт мудири шуъбаи беморхона ба Мустақим. - Тамоми кори аз дастамон омадаро кардем. Як ҳафтаи дигар муҳлат. Агар беҳбудӣ шавад, ба шифо ёфтан умед бастан мумкин.

Ҳамагӣ ду рӯз пас додараш ба коргоҳ омад. Ваҷоҳати ӯро Мустақим диду фаҳмид. Чизе нагуфта, танҳо пурсид:

- Кай?

- Ҳамин пагоҳӣ.

Донаҳои ашк беист аз чашмонаш мерехт. Марди калон гирйя дошт, чун тифлон. Вале беовоз. Танҳо аз шиддати ҳаяҷон қафаси синааш тез-тез пасту баланд мегашт. Як сол боз бо ҳам буданд. Дар ин муддат Саидаброрро бародарвор дӯст дошт. Навҷавоне буд гамгапу шармгин. Мустақим ёд надошт, ки бе иҷозаташ коре карда бошад.

Чун дигар мардикорони бешумори тоҷик ба мулки бегона бо ҳазор орзую ҳавас по ниҳода

буд. Нийят дошт соле заҳмат кашида, маблағ меғундорад. Пасон  рафта ба донишгоҳ дохил мешавад. Лек ҳамааш беҳуда. Ормонҳояшро бо худ ба хок мебарад. Акнун Мустақим ба рӯйи волидони Саидаброри ғӯрамарг чӣ тавр  менигарад? Онҳо ба ӯ бовар карданд. Ҷигарбандашонро ба вай ҳамроҳ намуданд. Бе ӯ ба ватан чӣ гуна меравад? Ба онҳо чӣ мегӯяд?

* * *

Аз шаҳри Сургут ба Тоҷикистон автобуси мардикороон нийяти сафар дошт. То шаҳри Хуҷанд. Автобус ба яке аз  ширкатҳои хусусии Хуҷанд  тааллуқ дорад.

Мусофир меораду мебарад.

Гоҳо мешавад, ки дар аснои сафар, ҳангоми убури кишварҳои ҳамсоя аз сабаби нодурустию номукаммалии ҳуҷҷатҳо, автобусҳоро ба қафо баргаштан водор месозанд. Дар ин маврид роҳбаладҳо ғайб мезананд. Дуд аз димоғи мусофирон- мардикорони сарсахт мебарояд. Дигар имкони пешу қафо рафтан надоранд. Моҳҳо дар мулки бегона мемонанд. Асосан дар маҳбасхонаҳо. Пас ронда мешаванд.

Автобуси мардикорони тоҷик дар канори шаҳр меистод. Барои гусели ҳамдиёрон хеле тоҷик гирд омада буд. Баъзеҳо ба воситаи сафаракиҳо пул ва дигар мавод мефиристод. Барои наздикону пайвандони хеш. Аммо дар чеҳраи

ҳама осори андӯҳ ҳувайдост. Зеро ҳамроҳи мусофирон автобус нафареро мебурд, ки оламро падруд гуфтааст. Ҷасад болои автобус, даруни тобути оҳанӣ мехобид. Вай Саидаброр буд. Мустақим дар гӯшае ҳамроҳи додараш меистод. Чашмонаш суп-сурх, ашколуд. Аз куҷое Нина пайдо шуда монд.

Ба манзили иҷора даромада, дар куҷо будани бачаҳоро мефаҳмад. Рост ин ҷо меояд. Аммо аз фавти Саидаброр бехабар. Дар аввали дидорбинӣ шод менамуд. Ваҷоҳати Мустақимро дида, авзояш тағйир ёфт.

- Саша дар куҷост? - пурсид ӯ.

Мустақим оҳи сард кашид ва сӯйи автобус ишора намуд.

- Чӣ, сиҳат шуд? - чеҳрааш каме шукуфта, пурсид духтар.

Мустақим бо аломати инкор сар ҷунбонд ва бо овози гирифта гуфт:

- Вай дар болои автобус, даруни тобут.

Нина ҳайкалвор муддате ҷониби автобус нигарист. Сипас ҳунгосзанон ба гирйя даромад. Сар ба қафаси синаи Мустақим ниҳод.

- Чаро ӯро назди мо нагузоштед? - гирйякунон бо муштчаҳояш ба сари синаи Мустақим мекӯфт вай. - Куҷо овардед? Барои куштан?

Мегиристу ҳасрат дошт, духтар. Ашк аз дидагони Мустақим ҳам рехтан гирифт. Ва сари духтарро сила дошт.

- Тақдир ҳамин будааст. Ниначон, тақдир, - гирйякунон мегуфт ӯ.

Манзараи ғайриодӣ диққати атрофиёнро ба худ чалб кард. Ҳама сабабашро фаҳмиданд. Дар чашмони бисёриҳо ашк пайдо гардид.

Сари синаи Мустақим духтар хеле гирист. Ниҳоят сар бардошту дафъаи охир ҷониби автобус дида дӯхт. Ва давон аз пеши одамон дур гашта, ба кӯчае тоб хӯрд. Аз назарҳо нопадид гардид.

Автобус ҳам ба роҳ даромад. Ашк дар чашмон Мустақим дурударoз аз қафояш нигарист. То аз назар ғоиб шудан.

* * *

Саидаҳмад ҷаҳоннамо тамошо кард. Рӯзи ёздаҳуми сентябри соли 2001. Он рӯз воқеъае рух дод, ки оламро ба ларза овард. Ва он тавассути оинаи нилгун намоиш дода мешуд. Ба яке аз биноҳои осмонхароши шаҳри Нюйорки Амрико як бора ду тайёра бархӯрд. Бино тамоман ба замин фурӯ рехт. Ҳазорон одамон қурбон шуданд. Занги телефон баланд гардид. Ҳайрон чашм аз ҷаҳоннамо наканда, гӯшакро бардошт. Аввал дуруст диққат надод, ки чӣ мегӯянд.

Дар гӯшак додари Мустақим гап мезад. Худаш натавонист хабари шумро ба волидони Саидаброр расонад. Пас додарашро илтимос кард.

Саидаҳмад хоҳиш намуд матлабашро аз нав баён созад. Ин дафъа каме бодиққат гӯш андохт.

- Писаратон аз дунё гузашт, - шунида мешуд дар гӯшак. – Тобуташро ба воситаи автобус фиристодем. Се рӯз пас дар Хуҷанд мерасад.

- Кадом писарам? - ба моҳияти суханони мусоҳибаш ҳамоно дуруст сарфаҳм нарафта пурсид Саидаҳмад.

- Саидаброр , - шунида шуд дар гӯшак.

- Ваҳ! – гӯён гӯшакро ба ҷояш гузошту аз ҷояш бархост.

Ба танаи дар такя карда, занаш рост меистод. Чашмони беқарор, ваҷоҳати тағйирёфтаи ӯро дида занак безобита гардид. Саидаҳмад аз ҳуҷра ба ҳуҷрае медаромаду ме-

баромад. Чун каси чиз гумкарда. Ҳамсараш ба ӯ менигарист.

- Чӣ гап шуд? – ниҳоят пурсид ӯ.

- Саидаброр, - роҳравон ба чизе аҳаммийят надода гуфт Саидаҳмад.

- Чӣ шидай, ба Саидаброр?

- Бачам аз дунё гузашт.

- Чи хел гузашт? Ҳафтаи гузашта Мустақим телефон кард. Гуфт, хеле беҳ шидай.

- Ана гузашт.

Акнун ҳар ду пасопеш даробаро доштанд. Чанд лаҳза, чун ашхоси маст. Ниҳоят зан аз роҳравӣ боистоду ба фарш нишаст.

- Вой бачам! - гӯён фиғон бардошту бо кафи дастон ба зонуҳояш задан гирифт. Саидаҳмад

низ аз роҳравӣ бозистод. Гӯё акнун мусибати ба сараш омадаро дарк намуд. Ҳой - ҳойкунон ба гирйя даромад.

Аз воқеъа ҳамсоягон огаҳ ёфтанд. Даруни ҳуҷраҳо ва даромадгоҳ аз одам пур шуд. Баъзе занҳо гардани ҳамсари Саидаҳмадро оғӯш гирифта, баробар навҳа доштанд. Қисме дигаре мехостанд оромаш созанд. Вале модари мотамзада ҳеҷ оромӣ надошт. Мардон бошанд Саидаҳмадро дилбардорӣ доштанд. Вай бошад ҳеҷ боварияш намеомад, ки ҷигарбандаш аз дунё гузаштааст. Сиҳату саломат ба пои худ рафта буд. Акнун гирифта меоранд.

Саидаҳмад мошин киро карда, ҳамроҳи додараш Хуҷанд фиристод. Шаби дигар баргашта

омаданд. Бо тобут. Дубора нолаи модари зор ва наздикону пайвандон баланд гардид. Чун тобутро аз мошин поин ва хостанд хона дароранд, ҳамсари Саидаҳмад навҳакунон тобути ҷигарбандашро нийяти оғӯш гирифтан кард. Вале беҳуш шуда, рӯйи дасти занони ҳамсоя афтод.

Ҷасадро дар шаҳр нигоҳ надоштанд. Шабона ӯро ба кӯҳистони Ховалинг оварданд. Ба деҳи бобоӣ. Дар он ҷо ӯро шӯста, ба кафан гирифтанд. Пеш аз кафан, ашк дар чашмон охирин бор Саидаҳмад аз пешонии ҷавонписари ғӯрамаргаш бӯсид. Ӯро дар гӯристони деҳ ба хок супурданд. Болои қабраш санге гузоштанд, ба ёдгор.

* * *

Алиакбар ҳамсабақи Саидаҳмад буд. Солҳои донишҷӯйӣ. Ҳоло дар бозори “Саховат”-и пойтахт дафтару қалам ва дигар маводи таълимӣ мефурӯхт. Ҳусейн ном рафиқаш, ки дар факултаи дигар таҳсил дошту донишгоҳро ба-робар хатм намуданд, наздаш омад. Ғамгин ме-намуд ӯ.

- Ягон воқеъа рӯй дод?- пас аз салом ваҷоҳати ӯро дида пурсид Алиакбар.

- Чи, хабар надорӣ?

- Не.

- Аз Расия мурдаи писари Саидаҳмадро оварданд.

- Кай?

- Парерӯз оши ҳафтаашро доданд. Ман рафта натавонистам. Биё, ҳозир якҷоя рафта фотиҳа хонда биёем.

- Чанд рӯз дар шаҳр набудам. Деҳа рафта, дина омадам. Шояд Саидаҳмад ин ҷо омада маро наёфта бошад.

- Шояд.

Ҳар ду ҷониби манзили Саидаҳмад, ки аз бозори «Саховат» чандон дур набуд, раҳсипор шуданд. Дар роҳ Ҳусейн воқеъаи рухдодаро ба Алиакбар нақл кард. Саидаҳмад дар хона набуд. Ҳамсараш онҳоро ба ҳуҷраи барҳаво роҳнамоӣ кард. Ҳардуро ба боло муроот карда, худ пеши дар нишаст. Суфра густурда, маълум, ки наздикону шиносҳо ҳамоно омада фотиҳа мехонанд.

Ҳусейн аз Алиакбар хоҳиш кард, аз Қуръони карим чанд ояте қироат намояд. Вай  қироат намуда, даст ба дуъо бардошт.

Ҳусейн ба модари зор ҳамдардӣ баён кард. Хоҳиш  намуд босабру таҳаммул бошад. Зеро ин рӯз  ба сари ҳама хоҳу ноҳоҳ меояд. Ҳоли зоре дошт модар. Аз ғаму андӯҳ чашмонаш дарун даромада, дигар об надоштанд, ки ашк бирезанд. Лабони парсингбастааш базӯр меҷунбид. Мегуфту мегуфт. Гӯё дарди дил дошт.

- Чӣ кор кунум, акаҳои ҷон. Писари шаҳма сиҳату саломат  фиристодуму ай усу мурдаша овардан.

Ҳини сухан гуфтан модар ба  сурати барқаде, ки дар ҷевон меистод, дида дӯхта буд.

Алиакбар ба сурат нигоҳ афканд. Наврасе ҳангоми хатми мактаби миёна, беғамона ба ӯ менигарист. Вай Саидаброр буд. Дилаш фишурда, ашк дар чашмонаш ҳалқа зад.

Соле пеш ба сари ӯ низ чунин мусибат омад. Додараш дар Русия бемор гашта хона равон шуд. Вале дар роҳ аз олам даргузашт. Ҷасадашро дар Қазоқистон аз қатора поин карданд. Рафта ҷасади додарашро аз мурдахонаи шаҳри канори роҳи оҳан бо азобе гирифта овард. Ду тифли хурдсоли додараш ятим монд. Аз ғами додар мӯйи сараш тамоман сафед гардид. Ҳоло бошад, ёрое надошт, ки зани мусибатзадаро тасаллӣ диҳад. Танҳо гуфт:

- Худатро бисёр хун накун, хоҳар. Насибаш ҳамин будааст.

Чун аз хонаи Саидаҳмад берун шуданд, Ҳусейн гуфт:

- Офарин  ба ин занҳо. Чӣ қадар дили бақувват доранд. Ҳарчанд дарун-дарун месӯзанд, боз зиндаанд. Эҳ, дар гӯр рӯзи ногузар. То кай мардуми бечора дар ғарибиҳо ҷон медода бошад?..

**А Н Ҷ О М**

*Ноябр - декабри соли 2006*